Пардохти андоз - бахои тамаддуниятнокии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№8 (1157)
Панҷшанбе,
21 феврали соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАКОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НИШАСТИ МАТБУОТӢ
**Натиҷагирӣ ва дурнамо**
Фаъолияти солонаи мақомоти андоз бо иштироки рӯзноманигорон натиҷагирӣ шуд
с. 2

ФАРҲАНГИ АНДОЗ
**Соҳибкории ғайриқонунӣ**
Бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида дар рафти корҳои назоратӣ
с. 3

МАНБАЪҲОИ АНДОЗБАНДӢ
**Вазъи иҷораи амвол**
Соҳибмулкон бояд молу мулки хешро тариқи ҳуҷҷатгузорӣ ба иҷора диҳанд
с. 4

АМАЛИЁТИ ГУРӮҲИ КОРӢ
**Мақсад - кам кардани қарзи андоз**
Гурӯҳи кории Кумитаи андоз шумораи андозсупорандагони қарздорро кам намуд
с. 6

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ
**Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунанда ҳатмист**
Баргузории давраи омӯзишӣ барои сармуҳосибону роҳбарони корхонаҳои хусусию ҷамъиятӣ дар Раёсати андоз дар ВМКБ
с. 6

НАЗОРАТ
**Муоинаи хронометражӣ чиро ошкор кард?**
Он бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупоранда анҷом дода мешавад
с. 7

НАМУДҲОИ АНДОЗ
**Хусусиятҳои андозбандии воситаҳои нақлиёт дар давлатҳои пешрафта**
Баъзе хусусиятҳои низоми андозбандии воситаҳои нақлиёт дар давлатҳои пешрафта ва муқоисаи он бо Тоҷикистон
с. 8

## Дафтари бақайдгирии санҷишҳо

### Назорати санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор



Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Таваҷҷуҳ!** Шахсони воқеӣ - соҳибони (истифодабарандагони) объектҳои ғайриманқул ҳуқуқ доранд, ки



андоз барои обеъктҳои ғайриманқул ва андози заминро бо як пардохт пеш аз мӯҳлат барои соли 2019 ба буҷет таъмин намоянд.



**Маълумоти пурраро оид ба тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj), Бахши иттилоотӣ «Контакт – сентр» (рақами телефонии 151) ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намоед.**



**Пардохти андозҳоро метавонед тавассути POS-терминалҳо низ таъмин намоед!**

# Натиҷагирӣ ва дурнамо

**14 феврали соли 2019 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим, муовинони Раис, сардорони Раёсатҳои Кумитаи андоз ва ҳайати васеи рӯзноманигорон оид ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти андоз дар соли 2018 нишасти матбуотӣ баргузор гардид.**

Н. Давлатзода қайд намуд, ки мақомоти андози кишвар дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳнамои кори худ қарор дода, дар соли 2018 ҷиҳати таъмини пурра ва босифати нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018» ва вусъат бахшидан ба корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, беҳтар сохтани хизматрасонӣ ба шаҳрвандаон ва андозсупорандагон ва мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ тадбирҳои судманд андешидаанд. Ин аст, ки дар соли 2018 нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба андозаи 100,6 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 10 млрд. 523,3 млн. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 62,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Зикр шуд, ки иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар соли 2018 дар ВМКБ ба андозаи 110,5 фоиз, вилояти Хатлон 100,6 фоиз вилояти Суғд 104,3 фоиз, шаҳри Душанбе 100,4 фоиз таъмин гардида, нишондиҳандаи 2 намуди андоз – андоз аз арзиши иловашуда (84,3 фоиз) ва андоз аз даромад аз шахсони воқеӣ (98,2 фоиз) иҷро нагардидааст, ки сабаби он афзоиш наёфтани манбаъҳои андозбандӣ мебошад.

Иттилоъ дода шуд, ки бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1-уми январи соли 2019 -ум 725,7 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба 1-уми январи соли 2018 ба андозаи 45,4 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Н. Давлатзода маълумот дод, ки бо мақсади ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани барномаҳои Системаи иттилоотии андоз ва ба роҳ мондани намудҳои нави хизматрасониҳо боз 11 модули алоҳида, аз ҷумла, «Равзанаи ягона», «Бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ», «Бақайдгирии шахсони воқеӣ», «Бақайдгирии мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ», «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул», «Бақайдгирии воситаҳои нақлиёт» ва ғайра омода гардид, ки дар моҳи марти соли 2019 мавриди истифода қарор мегирад ва ин имконият медиҳад, ки ташкили кор ва назорати андозҳо беҳтар шавад. Дар барномаи бақайдгирии давлатӣ «Равзанаи ягона» аз оғози соли 2018 модули нави хизматрасонӣ мавриди амал қарор дода шудааст, ки он имконият медиҳад муроҷиаткунандагон ариза ва ҳуҷҷатҳояшонро барои бақайдгирии давлатӣ ба тариқи электронӣ пешниҳод намоянд. Дар ин давра 4300 шаҳрванд барои анҷом додани бақайдгирии давлатӣ тариқи электронӣ муроҷиат намудаанд.

Қайд гардид, ки тибқи иттилои Феҳристи ягонаи давлатӣ ба ҳолати 1-уми январи соли 2019 дар ҷумҳурӣ 315,8 ҳазор субъекти хоҷагидор амал мекунанд, ки нисбат ба 1-уми январи соли 2018-ум 14580 адад зиёд мебошад.

Чуноне, ки қайд шуд, бо мақсади беҳтар намудани маъмурикунонии андоз аз арзиши иловашуда, барномаи копютерии «Анбори электронӣ» ҷорӣ шудааст, ки он имконият медиҳад амалиётҳои андозбандишавандаи андозсупорандагон пурра ба ҳисоб гирифта шуда, баҳисобгирии беасоси маблағи андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо, инчунин, ҳолатҳои аз ҷониби андозсупорандагон истифода накардани ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми анҷоми додани амалиёти андозбандишаванда то як дараҷа, пешгирӣ гардад.

Ҳамчунин, иттилоъ дода шуд, ки дар соли 2018 шумораи субъектҳои хоҷагидоре, ки эъломияҳои андозии худро тариқи электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод менамоянд, 18850 адад зиёд шудааст ва ҳоло 78400 андозсупоранда эъломияи худро ба ин тарз пешниҳод менамоянд.

Дар идома оид ба натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар самти гузаронидани корҳои назоратӣ маълумот дода шуд. Қайд гардид, ки дар маҷмӯъ, дар натиҷаи анҷом додани корҳои назоратӣ зиёда аз 25000 ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби андозсупорандагон ошкор ва нисбати онҳо ба маблағи 208,7 млн. сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 162,0 млн. сомонӣ маблағ ворид гардид. Дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ зиёда аз 4500 ҳолати бе қайди мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани шахсони воқеӣ, 3500 ҳолати бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намудани коргарони кироя, 900 ҳолати бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқул ошкор гардида, онҳо ба қайд гирифта шуданд. Дар ин давра зиёда аз 10 ҳазор андозсупоранда бо мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ таъмин шудааст. Айни замон маълумоти МНХ-и 26500 андозсупоранда ба махзани маълумоти Кумитаи андоз ворид гардида истодааст.

Инчунин, бо мақсади беҳтар намудани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ ба шаҳрвандон 2950 семинар - машварат, вохӯрӣ ва намоиши мусоҳиба баргузор гардида, аз ҷониби маркази тамоси Кумитаи андоз ба 33400 муроҷиати бақайдгирифташуда, посух дода шудааст.

Қайд шуд, ки кормандони мақомоти андоз минбаъд низ тамоми таҷриба ва дониши худро барои сарбаландона иҷро намудани нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019»равона хоҳанд кард.

Дар охир, рӯзноманигорон ба суолҳои худ оид ба таъмини қисми даромади буҷет ва масъалаҳои дигари андоз ва андозбандӣ посухҳои мушаххас гирифтанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Дар шаҳри Исфара Форуми соҳибкорон доир гардид

**Дар шаҳри Исфара бо ҳузури намояндагони котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Исфара, Консулгарии генералии Федератсияи Россия дар шаҳри Хуҷанд, сардорон ва аъзои ассотсиатсияҳои соҳибкорони зодаи шаҳри Исфара дар шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург ва Новосибирски Федератсияи Россия, соҳибкорони маҳаллӣ ва ҳунармандон дар мавзӯи «Саҳми соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва пешрафти ҷомеа» Форуми соҳибкорони шаҳр доир гардид.**

Дар кори форум Раиси шаҳри Исфара Сиҷоуддин Саломзода «Дар бораи вазъи иқтисодию иҷтимоӣ, омилҳои рушди соҳибкорӣ ва беҳдошти фазои соҳибкорӣ дар шаҳри Исфара» гузориш манзур намуд.

Таъкид карда шуд, ки нақши соҳибкорон дар иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар боби вусъат бахшидани корҳои ободониву созандагӣ, бунёди иншооти муҳими истеҳсолӣ ва савдову хизматрасонӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоии маҳал ва дастгирии табақаи эҳтиёҷманди аҳолӣ назаррас мебошад.

Ҳамзамон зикр гардид, ки саҳмгузорӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ — саноатикунонии босуръати кишвар тақозо мекунад, ки иқтидори истеҳсолии 47 корхонаи саноатии шаҳри Исфара афзун гардонида шуда, иловатан бояд корхонаҳои дигари истеҳсолӣ бунёд гарданд. Дар анҷоми ин кор бахши соҳибкорӣ бояд нақши калидӣ дошта бошад.

Раиси шаҳр дар радифи самтҳои афзалиятноки фаъолияти минбаъда зарурати ширкати фаъолонаи соҳибкорон дар ҷодаи афзун намудани ҳаҷми истихроҷи нафту газ, бунёди корхонаҳои коркард ва банду басти меваи хушк, истеҳсолкунандаи маҳсулоти гӯштӣ ва консерва дар шаҳрро тазаккур дод.

Роҳбари котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ Шараф Шерализода ва директори Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Фирдавс Усмониён оид ба масъалаҳои зарурати дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияҳои нав, дастгирии давлатии бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ сухан гуфта, аз имтиёзҳои аз ҷониби давлат ба соҳибкорони ватанӣ додашуда ёдовар гардиданд.

Муовини якуми Раиси вилояти Суғд Хол Ҳайдар бо баробари ба самъи иштирокдорони форум расонидани паёми шодбошии Раиси вилоят Раҷаббой Аҳмадзода изҳори умед кард, ки форуми мазкур ба барқарорсозии шуҳрати қаблии шаҳри Исфара чун яке аз шаҳрҳои муҳими саноатии мамлакат мусоидат мекунад.

Дар идомаи форум соҳибкорон бо баробари миннатдорӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таваҷҷуҳи хоссаву дастгирии доимии бахши соҳибкорӣ омодагии хешро ҷиҳати таъмиру навсозӣ ва мумфарш кардани роҳҳо, сохтмони корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои маорифу тандурустӣ, таъминоти мактабҳо бо компютерҳо, бунёди иншооти соҳаи сайёҳӣ, кӯдакистону майдончаҳои варзишӣ, ҳавзҳои шиноварӣ ва сартарошхонаву кошонаҳои ҳусн изҳор доштанд.

Дар анҷом ба соҳибкороне, ки барои сохтмони иншоот бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдом намудаанд, қарорҳои Раиси шаҳри Исфара оид ба ҷудо намудани қитъаи замин ва сертификати истифодаи он, ба чанде аз иштирокдорони форум барои саҳми арзанда дар корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши соҳибкорон, таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо, барои иштироки фаъолона дар машварат бо соҳибкорони маҳаллӣ ва Форуми соҳибкорони Исфара сипосномаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр супорида шуданд.

**АМИТ «Ховар»**

# Соҳибкории ғайриқонунӣ

**Дар ҷаласаи ҳисоботии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти  мақомоти андоз дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» масъалаҳо оид ба корҳои назоратии мақомоти андоз низ мавриди муҳокима қарор гирифт. Аз ҷумла қайд гардид, ки дар соли 2018 аз тарафи мақомоти андоз фаъолияти 28662 андозсупоранда таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дода шудааст, ки дар натиҷа 4803 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ, 3796 ҳолати дар ҳисобот нишон надодани  коргарони кироя, 296 ҳолати бе истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ фаъолият доштани андозсупорандагон ва 971 ҳолати  бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои ғайриманқул ошкор ва дар рафти санҷиш камбудиҳои ошкоргардида бартараф шудаанд.**



Дар ҷаласа таъкид шуд, тибқи талаботи қонунгузории андоз, санҷишҳои амалиётӣ як шакли назорати андоз буда, масъалаҳои ҳамчун супорандаи андоз дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудан, санҷиши дурустии маълумот дар бораи маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда,  муайян намудани аз ҷониби корфармо барои иҷрои кор (хизматрасонӣ) ҷалб намудани коргарони кироя ва истифодаи дурусту оқилонаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалиро дар бар мегирад. Вобаста ба ин, дар рафти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ҳолатҳои зиёди қонунвайронкуниҳои андоз ба назар мерасанд, ки ин аз сатҳи пасти дониши ҳуқуқию иқтисодии  онҳо шаҳодат медиҳад.

Боиси таасуф аст, ки тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз тавассути корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар - машваратҳо, вохӯриҳо, таҳияи намоишҳо, ташкили мусоҳибаҳои корӣ дар байни андозсупорандагон пайваста такмил дода мешавад ва он яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз маҳсуб меёбад. Аммо баъзе андозсупорандагон масъулияти хешро дар назди қонун таъмин накарда, бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд. Онҳо ҳатто дарк карда наметавонанд, ки ин амали ғайриқонунии онҳо рӯзе фош мегардад.

Дар як санҷиши амалиётие, ки дар асоси Амрномаи сардори Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат  аз 14 ноябри соли 2018, таҳти № 12 дар фаъолияти андозсупорандагони ҳудуди ҷамоати деҳоти  «Бозорбой Бурунов»-и шаҳри Ваҳдат бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва назорати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» ва назорати иҷрои талаботи  қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013 таҳти №210  «Дар бораи тартиби истифодаи МНХ-и дорои хотираи фискалӣ», баҳисобгирии шумораи воқеии коргарони кироя, нишон додани музди меҳнати кормандон, муайян намудани масоҳати амволи андозсупоранда ва дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ бо усули алтернативии андозбандӣ анҷом дода шуд, дар фаъолияти соҳибкорону андозсупорандагони ҷамоати деҳоти номбурда камбудиҳои зиёдеро ошкор намуд.

Дар рафти санҷиши амалиётии андоз дар ҳудуди ҷамоати деҳоти «Бозорбой Бурунов» фаъолияти 28 нафар андозсупоранда мавриди санҷиш қарор гирифта, нисбати 7 нафар андозсупоранда барои риоя накардани талаботи қонунгузории андоз ба маблағи 12900 сомонӣ протоколи маъмурӣ татриб дода шуд ва маблағи номбурда пурра ба буҷа пардохт гардид. Ҳамчунин, дар рафти санҷиш нисбати 5 нафар андозсупоранда ба маблағи 62258 сомонӣ маблағҳои иловагии андоз ҳисоб шуда, як нафар соҳибкори инфиродӣ бо шаҳодатнома, як андозсупоранда - шахси ҳуқуқӣ ва як нафар шахси воқеӣ ба сифати иҷорадиҳанда  дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуданд. Дар баробари ин, 4 нафар шахси воқеӣ низ бо патент  таъмин шуданд. Дар маҷмӯъ, ба маблағи 75990 сомонӣ андозҳои барилова ҳисоб гардид, ки дар ҷараёни санҷиш 50990 сомонии он ба буҷа пардохт карда шуд.

Санҷиши амалиётии андоз дар ҳудуди ҷамоати деҳоти номбурда муайян кард, ки ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Бустон Бозорбой» бо мошинаи назоратӣ-хазинавӣ таъмин буда, дар мақомоти андози шаҳри Ваҳдат ба қайд гирифта шудааст. Мутаассифона, роҳбари ширкати номбурда Эмомназар Маҳмедов якчанд намуди фаъолиятро дар корхонаи номбурда пинҳон дошта, панҷ нафар коргари кирояро дар ҳисоботи андозии худ нишон надодааст. Ҳамчунин, санҷиш собит сохт, ки Э. Маҳмедов ҳангоми муомилоти пулӣ бо аҳолӣ  тартиби истифодаи МНХ-ро риоя накардааст. Гурӯҳи амалиётӣ нисбати шахси мансабдор Э. Маҳмедов барои роҳ додан ба чунин қонунвайронкуниҳо мутобиқи талаботи  моддаи 615, қисми 1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи маъмурӣ тартиб дода, ба маблағи 4000 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъин намуданд. Дар ҷараёни санҷиш, ҳамчунин муайян гардид, ки шаҳрванд Тоҳир Саидов дар ҳудуди ҷамъияти мазкур бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти таъмир ва васлкунии чархҳои автомашинаҳо машғул мебошад. Ин амали  Т. Саидов мутобиқи талаботи  моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 1500 сомонӣ муҷозот шуд. Ҳамчунин, нисбати панҷ нафар корманди кироя, ки дар эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи корхонаи  «Бустон Бозорбой» нишон дода нашудааст, ба маблағи 1520 сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисобӣ ва ба буҷа пардохт шуд

Гурӯҳи корӣ бо мақсади назорати иҷрои  талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2013 таҳти №210 «Дар бораи тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ» дар беморхонаи  № 2-и ҷамоати деҳоти Б. Бурунов ҳангоми хизматрасониҳои тиббӣ ҳолатҳои вайрон кардани тартиби истифодаи МНХ-ро ошкор сохт ва  барои ин амали номатлуб корманди масъули беморхона Гулнора Раҳимова бинобар таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ мутобиқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ ҷарима шуд.

Ба ҳамин монанд, шахси воқеӣ Ҷамшед Набиев ҳамчун супорандаи андоз аз амволи ғайриманқул худро дар мақомоти андози шаҳри Ваҳдат ба қайд гирифта, андози амволи худро сари вақт пардохт намудааст. Ӯ  бо ин роҳ уҳдадориҳои андозии худро ҳалшуда ҳисобида, аз хусуси ба иҷора додани амволи дар ихтиёрдоштааш ба мақомоти андоз хабар надодааст.  Тибқи муқаррароти моддаи 95 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Набиев мебоист ба мақомоти андози маҳали зист аз ин хусус хабар дода, барои соли 2017 эъломияи андоз аз даромад пешниҳод мекард. Вале ӯ амали худро аз чашми кормандони андоз пинҳон дошта, хост бо ин роҳ маблағхои андозро пинҳон намояд Пинҳонкориҳои  Ҷ Набиев аз назари санҷишгарон пинҳон намонд. Аъзоёни гурӯҳ  бо дастрасии қисми 3  моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ӯ протоколи маъмурӣ тартиб дода, номбурдаро ба маблағи 400 сомонӣ ҷаримабандӣ намуданд. Ҳачунин, нисбати ӯ ба маблағи 2808 сомонӣ андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва 2000 сомонӣ андози молу мулки ғайриманқул, дар маҷмӯъ, 4808 сомонӣ андозҳои барилова ҳисоб намуданд.

Соҳибкори инфиродӣ Акмал Раҳимов бидуни бақайдгирӣ дар мақомоти андоз ба хариду фурӯши молҳои саноатӣ ва хӯрокворӣ машғул шудааст. Ин амали ӯ бо дастрасии моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум гардида, нисбати ӯ ба маблағи 1500 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ шуд.

Санҷиши навбатии амалиётӣ нишон дод, ки ҳанӯз ҳам  дар фаъолияти соҳибкорони алоҳида қонунвайронкуниҳо  ҷой доранд. Вобаста ба ин, мақомоти андози шаҳри Ваҳдатро зарӯр аст, ки корҳои фаҳмондадиҳиро бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар машваратҳо, боз ҳам пурзур намоянд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА,**
**шаҳри Ваҳдат**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# В Венеции хотят ввести налог для «однодневных туристов»

## Стоимость билета будет меняться в зависимости от сезона

Мэр Венеции Луиджи Бруньяро выдвинул предложение ввести платный вход в город. Теперь некоторым категориям туристов нужно будет приобрести билет, пишет ТАСС

Согласно данной инициативе, которая находится на изучении в муниципальном совете, тем, кто собрался в Венецию на один день, придется заранее заказывать пропуск. В итоге, чтобы переехать из материковой части в островную, потребуется специальный билет. Его отсутствие будет караться штрафом в размере от 100 до 450 евро.

Стоимость билета, который, по сути, станет для многих туристов еще одним городским налогом, будет зависеть от сезона. За него придется отдать 6 евро в обычное время, 8 евро — в «высокий» сезон и до 10 евро — в самые популярные у туристов дни. Правило покупки билетов для въезда в Венецию планируется ввести с 1 января 2022 г. Пока же мэр предлагает использовать «единый билет» стоимостью €3.

**http://taxpravo.ru/international**

# Вазъи иҷораи амвол

**Ба иҷора додани молу мулк аз ҷониби соҳибмулкон зиёд ба назар мерасад. Оё соҳибмулкон молу мулки хешро тариқи ҳуҷҷатгузорӣ ба иҷора медиҳанд?**

**Мутобиқи иттилои Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳолати 01.01.2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 15179 нафар шахси воқеӣ ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулк дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда, масоҳати умумии объектҳои баиҷорадодашуда 2279,6 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад ва маблағи умумии иҷорапулии шахсони воқеӣ ба 274,3 млн. сомонӣ баробар мебошад.**



Бояд қайд намуд, ки тибқи талаботи қисми 4 моддаи 156 Кодекси андоз шахсони воқеӣ – резидентҳое, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд, уҳдадор мебошанд, ки эъломияро оид ба андоз аз даромад ҳар сол то 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

Сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев зимни суҳбат ба мо гуфт, ки натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда дар ин самт нишон медиҳад, ки аз ҷониби на ҳамаи иҷорадиҳандагон эъломияҳои андоз аз даромад бо ҷамъбасти соли 2017 дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ба мақомоти андоз пешниҳод карда шудааст.

Тибқи ҳисоботи аз мақомоти ҳудудии андоз дастрасгардида аз 14197 адад иҷорадиҳандаи молу мулк бо ҷамъбасти соли 2017 то санаи 1 апрели соли 2018 аз тарафи 11874 нафар иҷорадиҳандаи молу мулк эъломияҳои андоз аз даромад ба мақомоти андоз пешниҳод гардида, шумораи иҷорадиҳандагоне, ки эъломияҳои андоз аз даромади худро пешниҳод накардаанд, 2154 адад ё 16,4 фоиз баробар мебошад.

Нишондиҳандаи шумораи иҷорадиҳандагоне, ки эъломияҳои андозии худро бо ҷамъбасти соли 2017 ба мақомоти андози маҳалли қайди худ пешниҳод накардаанд, мутаносибан дар шаҳри Душанбе 528 адад ё 12,4 фоиз, вилояти Суғд 556 адад ё 14,1 фоиз, вилояти Хатлон 675 адад ё 30,4 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 386 адад ё 13,3 фоиз рост меояд ва ин нишондиҳанда дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо аз ин ҳам бештар мебошад.

Фоизи бештари иҷорадиҳандагоне, ки эъломияҳои андоз аз даромади худро пешниҳод накардаанд, аз сатҳи шаҳри Душанбе паст дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 19,8 фоиз, Фирдавсӣ 16,3 фоиз, аз сатҳи вилояти Суғд паст дар шаҳру ноҳияҳои Бӯстон 32,2 фоиз, Истаравшан 30,1 фоиз, Панҷакент 25,3 фоиз, Ашт 43,9 фоиз, Хуҷанд 16,3 фоиз аз сатҳи вилояти Хатлон паст дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 21,0 фоиз, Кушониён 33,3 фоиз, Хуросон 36,8 фоиз, Дӯстӣ 26,3 фоиз, Қубодиён 11,6 фоиз, Ҷалолиддини Балхӣ 58,6 фоиз, Ҷайҳун 70,3 фоиз, Хуросон 52,9 фоиз, Шаҳритус 51,9 фоиз, Ёвон 12,9 фоиз, Левакант 68,2 фоиз, Данғара 36,0 фоиз, Кӯлоб 45,3 фоиз, Восеъ 32,1 фоиз, Фархор 24,3 фоиз, Шамсиддин Шоҳин 46,5 фоиз, Ховалинг 15,8 фоиз, Ҳамадонӣ 23,4 фоиз ва дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар Ҳисор 27,0 фоиз, Рӯдакӣ 15,5 фоиз, Роғун 12,6 фоиз, Турсунзода 25,1 фоиз, Рашт 14,3 фоиз ва Файзобод 16,7 фоизро ташкил медиҳад.

Собирҷон Исоев қайд кард, ки дар ин давра барои дар мӯҳлати муқарарнамудаи қонунгузорӣ пешниҳод накардани эъломияи андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз нисбати 1367 нафар шахси воқеӣ мутобиқ ба талаботи моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 174,1 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ таъин шудааст. Дар давоми соли 2018 барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз аз даромад барои соли 2017 нисбати иҷорадиҳандагони молу мулк аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 355 адад, вилояти Хатлон 153 адад, дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 138 адад иҷорадиҳандае, ки эъломияҳои андозии худро пешниҳод накардаанд, протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ намудаанд.

Аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Нуробод, Истаравшан, Кӯҳистони Мастчоҳ, Айнӣ, Мастчоҳ, Вахш, Дӯстӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Муминобод, Шамсиддин Шоҳин, Хоруғ, Роштқалъа, Ванҷ, Варзоб ва Темурмалик нисбати шахсони воқеие, ки эъломияҳои андоз аз даромади худро барои соли 2017 пешниҳод накардаанд, дар давоми соли 2018, умуман протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода нашудааст.

Ғайр аз ин, муқоиса ва таҳлилҳои гузаронидашуда нишон дод, ки бақайдгирии иҷорадиҳандагони молу мулк бо дарназардошти зичии аҳолӣ ва шумораи андозсупорандагони бақайдгирифташуда дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Гулистон, Спитамен, Зафаробод, Кӯлоб, Бохтар, Ҳамадонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хуросон, Данғара, Левакантд, Ҷалолиддини Балхӣ, Балҷувон, Исфара, Истаравшан, Б. Ғафуров, Даваштич, Зафаробод, Бӯстон, Спитамен, Хоруғ, Дарвоз, Варзоб, Рашт, Тоҷикобод ва Файзобод ҳоло ҳам нокифоя мебошад.

Аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Дарвоз, Рушон, Ванҷ, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим, Мурғоб, Кӯҳистони Мастчоҳ, Дӯстӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Носири Хусрав, Шаҳритус, Данғара, Ҷалолиддини Балхӣ, Шамсиддин Шоҳин, Ҳамадонӣ, Ховалинг, Балҷувон, Сангвор, Варзоб ва Лахш бошад, дар давоми 12 моҳи соли 2018 ягон адад иҷорадиҳандаи молу мулк муайян, ошкор ва ба қайд гирифта нашудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии маблағи андоз аз даромад, пурра ба ҳисоб гирифтани объектҳои молу мулки манқул ва ғайриманқули шахсони воқеӣ, инчунин, оид ба сари вақт ва дуруст дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дарҷ намудани маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.10.2017, №486 ба тасвиб расидааст ва аз аввали моҳи марти соли 2018 барномаи алоҳидаи компютерӣ таҳия ва мавриди истифода қарор дода шудааст.

Натиҷагирии рафти ворид намудани маълумот ба барномаи компютерӣ нишон дод, ки аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони молу мулк (15154 адад) ба ҳолати 01.01.2019 дар миқёси ҷумҳурӣ маълумоти 11233 адад иҷорадиҳанда ё 74,1 фоизи шумораи умумии иҷорадиҳандагони молу мулк ва 18180 адад нуқтаҳои иҷорадодашуда ба махзани маълумот дохил шудаанд. Рафти ворид намудани маълумот мутаносибан дар вилояти Суғд 59,4 фоиз, дар вилояти Хатлон 75,2 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 55,6 фоиз, шаҳри Душанбе 86,6 фоиз ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, 78,3 фоизро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи аз сатҳи вилояти Суғд паст дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд (45,9 фоиз), Ҷ. Расулов (46,9 фоиз), Истаравшан (39,2 фоиз), Конибодом (52,1 фоиз), Панҷакент (51,3 фоиз), дар вилояти Хатлон дар шаҳру ноҳияҳои Вахш (55 фоиз), Бохтар (50,6 фоиз) ва Қубодиён (51,8 фоиз), Ҷалолиддини Балхӣ (58 фоиз), Шаҳритус (59,8 фоиз), Левакант (59,3 фоиз) ва дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар шаҳри Хоруғ (5,9 фоиз)-ро ташкил медиҳад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯи таъиноти объектҳои ба иҷора додашуда нишон дод, ки дар ҷумҳурӣ 2770 адад объект ҳамчун хонаи истиқоматӣ, 13107 адад ҳамчун нуқтаи тиҷоратӣ ва 2303 адад ҳамчун дигар объектҳои молу мулк аз тарафи шахсони воқеӣ баиҷорадодашуда, ташкил медиҳад, ки маблағи миёнаи иҷорапулӣ ба 1 метри мураббаъ аз рӯи ҳамаи объектҳои ба иҷора додашуда дар ҷумҳурӣ ба 10,2 сомонӣ баробар мебошад.

Тибқи иттилои Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаи маблағи миёнаи иҷорапулӣ ба як метри мураббаъ аз рӯи биноҳои истиқоматии баиҷорадодашуда 21,6 сомонӣ, объектҳои тиҷоратӣ 9,6 сомонӣ ва дигар объектҳо 8,4 сомониро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи маблағи миёнаи иҷорапулӣ ба як метри мураббаъ аз рӯи ҳамаи объектҳои ба иҷорадодашуда дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба 4,6 сомонӣ, вилояти Суғд 4,3 сомонӣ, вилояти Хатлон 4,7 сомонӣ, шаҳри Душанбе 28,5 сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, ба 4,4 сомонӣ баробар мебошад, ки ин нишондиҳанда дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо аз ин ҳам пасттар ба назар мерасад.

Нишондиҳандаи пасттари маблағи миёнаи иҷорапулӣ ба як метри мураббаъ аз ҳисоби ҳамаи объектҳои ба иҷора додашуда дар шаҳру ноҳияҳои Восеъ (4,7 сомонӣ), Фархор (3,7 сомонӣ), Ховалинг (3,0 сомонӣ), Муъминобод (7,6 сомонӣ), Шамсиддин Шоҳин (0,1 сомонӣ), Темурмалик (0,9 сомонӣ), Вахш (7,3 сомонӣ), Дӯстӣ (3,0 сомонӣ), Хуросон (4,5 сомонӣ), Кубодиён (6,7 сомонӣ), Ҷалолиддини Балхӣ (5,4 сомонӣ), Ҷайҳун (3,3 сомонӣ), Айнӣ (7,2 сомонӣ), Деваштич (2,5 сомонӣ), Зафаробод (1,9 сомонӣ), Исфара (6,7 сомонӣ), Гулистон (2,0 сомонӣ), Спитамен (1,7 сомонӣ), Панҷакент (7,0 сомонӣ), Ҷ. Расулов (5,9 сомонӣ), Истаравшан (5,4 сомонӣ), Б. Ғафуров (2,4 сомонӣ), Бӯстон (4,2 сомонӣ), Шаҳристон (1,8 сомонӣ), Ашт (2,6 сомонӣ), Рашт (6,3 сомонӣ), Лахш (3,8 сомонӣ), Нуробод (1,2 сомонӣ), Рӯдакӣ (5,7 сомонӣ), Варзоб (5,0 сомонӣ) ва Сангвор (2,4 сомонӣ) рост меояд, ки нишондиҳандаҳои мазкур дар муқоиса бо маблағҳои воқеии иҷорапулӣ хеле ночиз мебошад.

**Аз ин рӯ, кормандони мақомоти андозро зарурат пеш меояд, ки дар ин самт назоратро ҷиддӣ ба роҳ монанд ва ҷиҳати пешниҳоди эъломияҳои андоз барои давраи соли 2018 ва воридоти маблағи андоз аз даромад чораҳои иловагӣ андешанд.**

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН,**
**Фотимаи МИРЗОХОН**

# Дафтари бақайдгирии санҷишҳо



## Он ба андозсупорандагон ройгон дастрас мешавад

**Кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупоранда пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд.**

Тибқи қонунгузории амалкунандаи кишвар ҳар як ниҳоде, ки ба корҳои назоратӣ, аз ҷумла санҷиши андозҳо сафарбар мешавад, бояд дар Дафтари қайди санҷишҳо, ки ба соҳибкор аз ҷониби мақомоти андоз ройгон дода мешавад, маълумоти заруриро сабт намояд.

Тавре сардори Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон МЭЛС Меликов иттилоъ дод, Дафтари бақайдгирии санҷишҳо дафтари бақайдгирии санҷишҳои субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба ҳар як санҷиши гузаронидашудаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ворид мешавад. Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз тарафи субъекти хоҷагидор тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мегардад.

Мавсуф илова намуд, ки субъектҳои хоҷагидор вазифадоранд ҳар як санҷишро дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо сабт намоянд. Баъди ба субъектҳои хоҷагидор супурдани қарор оид ба гузарондани санҷиш шахси мансабдори мақомоти санҷиш ва роҳбари субъекти хоҷагидор уҳдадор аст дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо маълумоти зеринро сабт намояд:

*- насаб, ном, номи падар, рақами шаҳодатнома (аз ҷумла шаҳодатномаи махсус), номи мақомоте, ки шаҳодатномаро додааст, муҳлати эътибори шаҳодатнома;*

*- дар вақти иштироки мутахассиси даъватшуда дар гузаронидани санҷиш- насаб, ном, номи падар, инчунин рақами шаҳодатномаи хидматӣ, номи ташкилоте, ки намояндаи он мебошад ва дар сурати мустақил будани мутахассис, рақами шаҳодатномаи шахсӣ ва агар тибқи қонун фаъолияти мутахассиси даъватшуда бояд иҷозатнома дошта бошад, рақами иҷозатнома, номи мақомоте, ки иҷозатномаро додааст ва муҳлати эътибори иҷозатнома;*

*- асос барои санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор, сана ва вақти оғози санҷиш;*

*- мавзӯъ ва мақсади санҷиш.*

МЭЛС Меликов, ҳамчунин, гуфт, ки Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз ба соҳибкор ройгон дастрас шуда, ҳар як андозсупоранда уҳдадор аст, ки онро дошта бошад.

Ба гуфтаи ӯ аз моҳи декабри соли 2016 то 1 уми январи соли 2019 аз 64265 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо (45047 адад ба нозиротҳои андоз ва 19218 адад ба бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо), ки аз ҷониби мақомоти андоз ба масъулон тақсим шуда буд, 58009 адади он ройгон ба андозсупорандагон дастрас гардидааст. Аз 45047 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, ки ба нозиротҳои андоз тақсим шудааст, 40655 адади он ба андозсупорандагони амалкунанда дастрас шудааст. Дар баробари ин, аз 19218 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, ки ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо пешниҳод гардидаанд, 17354 адади он ба андозсупорандагоне, ки нав ба фаъолият шурӯъ намуданд, дастрас шудааст.

Аз 1500 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳои ҷудошуда, ки ба мақомоти андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тақсим гардида буд, ҳамаи он ба андозсупорандагон дастрас шудааст. Ба андозсупорандагони вилояти Суғд, аз 18271 адад Дафтари бақайдигирии санҷишҳо, 16635 адади он ба андозсупорандагон дастрас гардидааст. Аз 10667 Дафтари бақайдигирии санҷишҳо, ки ба андозсупорандагони вилояти Хатлон пешбинӣ шада буд, ҳамааш пурра ба андозсупорандагон дастрас шудааст. Ба ҳамин монанд, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 6746 адад Дафтари бақайдигирии санҷишҳои ҷудогардида, 5793 адади он ба андозсупорандагони амалкунанда дастрас гардидааст. Аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе аз 6542 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо 4795 адади он ба андозсупорандагон дастрас шудааст.

М. Меликов бо такя ба таҳлили ҳисобот гуфт, ки ҷараёни ба андозсупорандагони амалкунанда дастрас намудани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби баъзе мақомотҳои андоз ба талабот ҷавобгӯ набуда, новобаста аз он ки миқдори китобҳои дастрасшуда ба андозсупорандагон дастрас шудааст, ин раёсатҳо барои дастрас намудани дафтарҳои иловагӣ ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат накардаанд.

Бо дарназардошти ҳолати мазкур шахсони масъули шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки дар мавриди ба итмом расидани дафтарҳои дастраснамудаашон ва мавҷуд будани талабот, сари вақт аз анбори Кумитаи андози назди Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон иловатан китобҳоро дастрас ва ба андозсупорандагон тақсим намоянд.

Ёдовар мешавем, ки шахси мансабдори мақомоти санҷиш барои саркашӣ аз ворид намудани маълумот оид ба санҷиши гузаронидаистода дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо масъулияти муқаррарнамудаи қонунгузориро ба дӯш дорад.

Ҳамчунин, роҳбари субъекти хоҷагидор, ки дар он санҷиш гузаронида шудааст, уҳдадор аст дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо сана ва вақти анҷоми санҷишҳо, ҳангоми ошкор гардидани вайронкунии шартҳо ва талаботи қонунҳо, тадбирҳое, ки аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти санҷиш нисбати субъекти хоҷагидор андешида шудаанд ва мулоҳизоти худ дар шакли «Розиам», «Розӣ нестам», «Бо эродҳо розиам»- ро зикр намояд. Дар сурати Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро надоштани субъектҳои хоҷагидор шахси мансабдори мақомоти санҷиш дар санади санҷиш сабтҳои дахлдор ворид менамояд.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки барои дастрас намудани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба мақомоти андоз муроҷиат кунанд ва ҳарчи зудтар дар фаъолияти худ аз он истифода намоянд. Дар сурати надоштани чунин ҳуҷҷат кормандони мақомоти андоз ба дигар ниҳодҳо уҳдадор мешаванд, ки дар фаъолияти онҳо корҳои назоратӣ гузаронанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Ховалинг нақшаи ҳама гуна андозҳоро дар моҳи январи соли 2019 ба андозаи 105,8 фоиз таъмин карданд. Ба ҷойи 2642168 сомонӣ нишондиҳандаи пешбинишуда ба буҷети давлатӣ 2794191 сомонӣ ворид шуд.**

Тавре аз нозироти андози ноҳия иттилоъ доданд, дар моҳи январи соли 2019 нақшаи андози иҷтимоии буҷетӣ дар ноҳияи Ховалинг ба андозаи 119,5 фоиз иҷро гардида, ба ҷойи 653 ҳазору 113 сомонӣ ба буҷети давлатӣ 780 ҳазору 417 сомонӣ ворид шудааст. Мақомоти андози ноҳияи Ховалинг дар ин давра ҷиҳати кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз ва инчунин, вориди буҷет сохтани маблағҳои андозӣ дар моҳи январи соли 2019 миёни андозсупорандагон ва соҳибкорони марказҳои савдо 2 маротиба семинар – машварат гузаронидаанд.

Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Ховалинг дар соли сипаригардида тавонистанд, ки 2 млн. сомонӣ маблағи қарзи андозро кам намоянд. Гуфта шуд, ки танҳо аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ соли сипаригардида 380 ҳазор сомонӣ бақияпулиҳои қарзи андоз вориди буҷет гардидааст. Дар ноҳияи Ховалинг ба санаи 01.01.2019 шумораи соҳибкорон аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 292 нафар, тибқи шаҳодатнома амалкунанда 104 нафар, тибқи патент 235 нафар ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 1956 ададро ташкил медиҳанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Apple погасила во Франции налоговую задолженность в размере 500 млн евро

## Соглашение о договоренности было подписано еще в декабре



Компания Apple и власти Франции достигли договоренности относительно урегулирования проблемы крупной налоговой задолженности, в результате чего корпорацией были выплачены 500 млн евро. Факт заключения соглашения представитель Apple подтвердил во вторник Agence France Presse (AFP), не указав размера задолженности, пишет ТАСС.

По умещающимся сведениям, речь идет о задолженности в выплате налогов, которые накопились у компании за 10 лет. Цифру в 500 млн евро AFP подтвердил другой источник. По информации французского журнала L'Express, соглашение о договоренности было подписано еще в декабре.

**http://taxpravo.ru/international**

**Дар Раёсати андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои сармуҳосибону роҳбарони корхонаҳои хусусию ҷамиятӣ дар мавзӯи "Роҳу усулҳои дурусти маъмуркунонии андоз аз фоида ва назорати истифодабарии ҳисобнома-фактураҳои электронии ААИ" давраи омӯзишӣ баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 80 нафар андозсупоранда ширкат намуданд.**

# Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунанда ҳатмист

Сардори Раёсати андози вилоят Уқболшо Додихудоев гуфт, ки соли 2018 нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят нақшаи ҳамаи намудҳои андозро барзиёд иҷро намуданд ва табиист, ки дар иҷрои саривақтии нақшаи андоз андозсупорандагон саҳми арзишманд доранд. Аз таҷрибаи фаъолияти яксола бармеояд, ки андозсупорандагон ҳангоми пешниҳоди эъломияъои андоз аз фоида ва тавозуни муҳосибавӣ ба дурустии баъзе нишондиҳандаҳо ба таври лозимӣ аҳамият намедиҳанд. Ҳар як нишондиҳанда бояд бо ҳуҷҷат тасдиқ ё собит шавад. Дар сурати набудани ҳуҷҷати тасдиқкунанда нозиротҳои андоз онро аз эътибор соқит мекунанд ва ё умуман қабул намекунанд. Аз ин рӯ ба мақсади иҷрои талаботи моддаҳои 107,111 ва 123 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаноми пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида ва тавозуни муҳосибавӣ ба дурустии нишондиҳадаҳои зерин аҳамияти зарурӣ додан лозим меояд. Бояд сатрҳои замимаҳои эъломияи андоз аз фоида дар қисмати даромади умумӣ ва хароҷоти тарҳшаванда дар барномаи компютерӣ дуруст ва пурра дарҷ гарданд. Дар қисмати тарҳҳо хароҷоти вобаста ба арзиши аслии молҳои таҳвилшуда, хароҷоти молу маҳсулоти сохтмонӣ, арзиши хизматрасонӣ ва дигар хароҷоти ба ин монандро танҳо дар ҳолати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба ба расмият даровардан мумкин аст.

Сардори Раёсати андози вилоят таъкид намуд, ки дар сурати бидуни ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пешниҳод кардани эъломияи андоз аз фоида ин амалиётҳо (тарҳҳо) аз ҷониби мақомоти андоз якҷониба бекор карда мешаванд. Ӯ бори дигар ба хотири андозсупорандагон расонд, ки аз 1 январи соли равон муҳлати татбиқи меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашудаи 5 - фоиза, ки ба корҳои сохтмонӣ, хизматрасонии хӯроки умумӣ ва марказҳои таълимӣ муттаалиқ буд, бекор карда шуд.

Андозсупорандагони мазкур акнун бояд бақияи молу маҳсулотеро, ки дар давоми як соли гузашта аз супорандагони андоз аз арзиши иловашуда дастрас намудаанд, дар асоси ҳисобнома-фактураҳои ААИ ба ҳисоб гирифта, ба эъломияи моҳи январ шомил ва то охири моҳи феврал ба нозиротҳои андоз пешниҳод намоянд. Таъкид шуд, ки санади бақияи молу маҳсулот бе ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда, аз ҷумла борхат ва ҳисобнома- фактураро нозиротҳои андоз қабул намекунанд.

Баъзе аз соҳибкорони инфиродие, ки ба хариду фурӯши молу маҳсулот машғуланд, ҳангоми пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида танҳо шаҳодатномаро пешниҳод мекунанд. Дар ҳоле ки яке аз ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи нишондиҳандаҳои соҳибкорони инфиродӣ мошини назоратӣ- хазинавӣ мебошад. Агар соҳибкор аз чунин мошин дуруст истифода намояд, ҳеҷ як намояндаи мақомоти назоратӣ ё харидор ба фаъолияташ эрод гирифта наметавонад. Он соҳибкороне, ки сари вақт дар коргоҳу корхонаҳои худ мошинҳои назоратӣ - хазинавиро васл кардаанд, бо мақомоти андоз мушкил надоранд.

Сардори Раесати андози вилоят гуфт, ки минбаъд ҳар як соҳибкори инфиродӣ бояд дар фаъолияти худ аз мошини назоратӣ - хазинавӣ истифода намояд ва ҳангоми савдо ба харидор чипта пешниҳод кунад. Зеро ҳангоми муқоисаи ҳисобу китоб бо нозиротҳои андоз маҳз ҳамин чиптаҳо ҳамчун ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ва дар айни замон боэътимод шумурда мешаванд.

**Бовари ДОВАР**
**ВМКБ**

# Мақсад - кам кардани қарзи андоз

**Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расонидани кӯмаки амалӣ дар таъмини иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет, кам намудани шумораи андозсупорандагони қарздор, татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва муқаррароти моддаҳои 600, 620, 623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати андозсупорандагони қарздор, инчунин мавриди санҷиш қарор додани ҳолати иҷрои қарорҳо Гурӯҳи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Нозироти андозсупорандагони миёна сафарбар гардид.**



Мутобиқи маълумоти Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ), маблағи бақияи қарзи андозҳои андозсупорандагони дар қайди Нозироти андозсупорандагони миёнабуда ба санаи 01.12.2018-ум 58,7 млн. сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба аввали соли 2018-ум 1,7 млн. сомонӣ кам мебошад. Аз ҷумла, бақияи қарз дар шуъбаи НАМ дар ноҳияҳои Шоҳмансур 11,3 млн. сомонӣ, Сино 19,8 млн. сомонӣ, Фирдавсӣ 10,4 млн. сомонӣ ва Исмоилӣ Сомонӣ ба 17,1 млн. сомонӣ расидааст.

Тибқи иттилои мақомоти андоз аз маблағи умумии қарзи андозҳои НАМ 21,7 млн. сомониаш маблағҳое мебошанд, ки дар натиҷаи фоизу ҷаримаҳои иловагӣ пайдо гардидаанд ва 13,4 млн. сомонии дигар ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ (санҷиши ҳуҷҷатии маҷмӯии андоз) ба вуҷуд омадааст. Инчунин, 19,1 млн. сомонӣ ба 39 ширкати фаъолияташон моҳияти иқтисодинадошта, яъне ширкатҳои ба ном "якрӯза" ва 11,5 млн. сомонӣ аз ҳисоби 28 корхонаву ташкилоти давлатӣ аз ҷумла, Корхонаи воҳиди давлатии оид ба кашонидани партовҳои сахти маишӣ рост меояд.

Давоми ҳар моҳи тақвимӣ, бақияи қарзи андозҳо танҳо дар натиҷаи ҳисобкунии фоизҳо ба маблағҳои дар муҳлаташ пардохтнашудаи андозҳо, тақрибан ба андозаи 879,5 ҳазор сомонӣ (1,3%) афзоиш меёбад. Шумораи андозсупорандагони қарздор ба санаи 01.12.2018-ум 436 ададро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 70 адад кам гардидааст. Гурӯҳи корӣ муайян кард, ки аз ин шумора 225 ё худ 52,6 фоизашро андозсупорандагоне ташкил медиҳанд, ки маблағи қарзашон то 30,0 ҳазор сомониро дар бар мегиранд. Нисбати чунин андозсупрандагон, бе татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, яъне бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ қарзи андози онҳо ба буҷет ворид гардид.

Мутобиқи ҳисобот дар соли 2018 дар Нозироти андозсупорандагони миёна нисбати 225 андозсупоранда доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо 435 қарор ба маблағи 67,3 млн. сомонӣ қабул гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 47,9 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки мутаносибан 71,0%-и маблағи умумии қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад.

Танҳо дар моҳи декабри соли 2018 нисбати 21 андозсупорандаи қарздор маводи зарурӣ оид ба маҷбуран ситонидани маблағи қарзи андоз омода ва барои қабули қарори дахлдор ба Кумитаи андоз ирсол намуданд, ки дар натиҷа 48 қарор ба маблағи умумии 4,3 млн. сомонӣ қабул гардид.

Масалан, нисбати ҶДММ «Ниёз», ки бақияи қарзи андозҳояш муайян гардид, қарорҳои Кумитаи андоз тахти №8-2-1242 ва №8-2-1243 оиди ситонидани қарз ба маблағи 427,8 ҳазор сомонӣ аз ширкати мазкур ба буҷет рӯёнида шуд. Дар баробари ин, ҶДММ «Ориёно 2017», ки аз қабили ширкатҳои «якрӯза» ба ҳисоб меравад, 1 декабри соли 2018 аз ҳисоби андозҳо (бе дарназардошти дигар пардохтҳои ҷумҳуриявӣ) ба маблағи 739,4 ҳазор сомонӣ қарздор буд. Инчунин, аз ҳисоби ҶДММ «Ҷасур РД», ки низ, ба маблағи 200,5 ҳазор сомонӣ қарздор буд, бо боздошт намудани маҳсулоташ 100,0 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шуд.

Мисоли дигар, ҶДММ «Промонтаж», ки бақияи қарзи андозҳояш ба санаи 1 декабри соли 2018-ум 185,5 ҳазор сомониро ташкил медод, бо пешниҳоди Гурӯҳи корӣ нисбати ҷамъият қарорҳои Кумитаи андоз аз 31.12.2018, тахти №8-2-1297, №8-2-1298, №8-2-1299, №8-2-1300 «Оид ба ситонидани қарз аз ҳисоби суратҳисоб» ва аз 31.11.2018 тахти, №8-5-132 «Дар бораи ситонидани маблағи қарзи андозҳо бо роҳи ҳабси молу мулки андозсупоранда ва ба фурӯш баровардани он» қабул гардида, нисбати ҷамъият протоколи ҳабси молу мулк тартиб дода, анборҳои ҷамъият муҳрбандӣ гардид.

ҶДММ «Иморатсоз», ки ба фаъолияти сохтмони биноҳои баландошёна машғул асту бақияи қарзи андозҳояш ба санаи 01.12.2018-ум 151,0 ҳазор сомониро ташкил медод, дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ маблағи қарзи ҷамъият ба буҷет ворид гардид.

Инчунин, дар натиҷаи чораҳои андешидашуда аз ҳисоби бақияи қарзи андозҳои ( бе дарназардошти андозҳои ҷорӣ) ҶДММ «Диёр сохтмон» 280,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Закия сохтмон» 100,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Ширкати барқии Тоҷикистон Лу мин» 100,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Сарватҳои кӯҳӣ» 150 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Сапеда 112» 150,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Симрон» 110,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Муҳаммад А» 340,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Шаҳрофар» 175,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Муҳандис 2014» 122,6 ҳазор сомонӣ, КВД «КПШД» 100,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Парвиз 2017» 190 ҳазор сомонӣ, Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 218,0 ҳазор сомонӣ, ҶСП «РОС Азия Инвест» 100,0 сомонӣ, ҶСК «Гулистони Душанбе» 200,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Бозори Корвон» 210,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Нуробод» 200,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Строй-Центр» 100,0 ҳазор сомонӣ, КВД «Бозори Саховат» 90,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Ҳамсафар» 180,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Собит тиҷорат» 95,0 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ «Фуд Мастер» 250,0 ҳазор сомонӣ ба буҷет ситонида шуд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар асоси муқаррароти қисми 3 моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастури методӣ «Дар бораи тартиби маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо» дар сурати аз ҷониби андозсупоранда дар муҳлати муқарраршуда иҷро накардани уҳдадории пардохти андозҳо, ба андозсупоранда санади муқоисавӣ тартиб дода оид ба иҷрои уҳдадориҳо вобаста ба пардохти андозҳо ба онҳо огоҳинома ирсол мегардад.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

Дар асоси талаботи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, аз тарафи мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва манбаи андозбандишаванда анҷом дода мешавад.

# Муоинаи хронометражӣ чиро ошкор кард?



Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Балҷувон ҷиҳати ошкор намудани маблағҳои пинҳоншуда дар соли сипаригардида (2018), дар фаъолияти 9 нафар аз соҳибкорони нуқтаҳои марказӣ савдо ва фурӯши сӯзишвории ноҳия муоинаи хронометражӣ гузарониданд. Дар натиҷаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ маблағҳои иловагӣ ошкор гардид.

Муовини сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Балҷувон Карим Мусоев қайд кард, ки ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкорон дар соли сипаригардида 47 ҳазору 110 сомонӣ маблағҳои пинҳоншудаи андозсупорандагон ошкор гардид.

Аз ҷумла, муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти ҶДММ «Мавҷи Сурхоб» ба роҳ монда шуд. Ҷамъият ба фурӯши маводи сӯзишворӣ дизелӣ машғул аст. ҶДММ «Мавҷи Сурхоб» дар фаъолияти худ пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромадии умумияшро дар як моҳ 13 ҳазору 602 сомонӣ ба нозироти андоз пешниҳод мекард. Дар натиҷаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки даромади умумии ҶДММ «Мавҷи Сурхоб» дар як моҳ 27 ҳазору 180 сомониро ташкил медодааст. Муайян гардид, ки ҷамъият маблағи 13 ҳазору 578 сомониро аз мақомоти андоз пинҳон доштааст.

Ҳамчунин, дар фаъолияти ҶДММ «Муҳамадҷон - 2006» низ муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд. Ҷамъият пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумияшро ба мақомоти андоз дар як моҳ 16 ҳазору 200 сомонӣ нишон медод, ки аз ҳақиқат дур буд. Баъди гузаронидани муоинаи хронометражӣ муайян гардид, ки маблағи даромади ҶДММ «Муҳаммадҷон - 2006» дар як моҳ 32 ҳазору 385 - сомониро ташкил медиҳад. Дар натиҷа, маблағи ошкоршуда ба буҷети давлатӣ пардохт гардид. Ҳамин тариқ, муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Муродалӣ Иброҳимов гузаронида шуд. Соҳибкор манбаи андозбандишавандаро ба мақомоти андоз дар як моҳ ба маблағи 6 ҳазору 834 сомонӣ нишон медод. Муоинаи хронометражӣ маълум кард, ки манбаи андозбандишавандаи соҳибкор 8 ҳазору 606 сомониро дар як моҳ ташкил медиҳад, ки 1772 сомониро пинҳон кардааст. Дар натиҷа, маблағи ошкоршуда пурра ба буҷет пардохт гардид.

Дар фаъолияти Ҷумахон Ғуломов, ки ба фурӯши масолеҳи сохтмонӣ машғул аст, муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд. Соҳибкор, пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ манбаи андозбандишавандаро дар як моҳ ба ҳисоби миёна ба андозаи 4 ҳазору 960 сомонӣ нишон медод. Баъди гузаронидани муоинаи хронометражӣ муайян гардид, ки маблағи даромади моҳонаи соҳибкор на 4 ҳазору 960 сомонӣ, балки 8 ҳазору 989 сомониро ташкил медиҳад. Маблағҳое, ки соҳибкор Ҷ. Ғуломов аз андоз пинҳон намудааст, 4 ҳазору 29 сомониро ташкил медиҳад, пурра ба буҷет пардохт гардид.

Ба ҳамин монанд, дар фаъолияти соҳибкор Умедҷон Табаров, ки ба фурӯши маҳсулоти доруворӣ машғулбуд, муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд. Соҳибкор У. Табаров манбаи андозбандишавандаро дар як моҳ ба маблағи 3 ҳазору 985 сомонӣ нишон медод. Дар натиҷаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ муайян гардид, ки даромади моҳонаи ин соҳибкор 7 ҳазору 410 сомонӣ мебошад. Соҳибкор У. Табаров 3 ҳазору 425 сомонӣ маблағҳои андозро аз мақомоти андоз пинҳон кардааст. Маблағи ошкоршуда пурра ба буҷет ворид гардид.

Дар рафти гузаронидани муоинаи хронометражӣ аз ҷониби кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Балҷувон 47 ҳазору 110 сомонӣ маблағҳои пинҳоншудаи соҳибкорон ошкор гардида, пурра ба буҷети мамлакат ворид гардид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**

**шаҳри Кӯлоб**

# Ташвиш аз бақияи қарзи андоз



**Мавҷудияти бақияи қарзи андозҳо дар мақомоти андози вилояти Суғд яке аз масъалаҳои ташвишовари рӯз аст. Ба ҳолати 1-уми январи соли 2019 бақияи қарзи андозҳо дар вилояти Суғд, дар маҷмӯъ, ба маблағи 107,4 млн. сомонӣ боқӣ монда, нисбати аввали сол 21,0 млн. сомонӣ кам шудааст.**

Бино ба маълумоти сардори Нозироти андози ноҳияи Зафаробод Олимҷон Ҷумаев бақияпулии андоз дар мақомоти андози ноҳия айни ҳол маблағи беш аз 10 млн. 760 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Сабабҳои асосии мавҷуд будани бақияи қарзи андозҳо дар ин давра пардохти ғайриқаноатбахши андозҳо аз тарафи корхонаҳои зертобеи Агентии беҳдошти замин ва обёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бақияи қарзи андози онҳо зиёда аз 3,9 млн. сомониро ташкил медиҳад. Баъдан, барқарор шудани маблағҳои бақияи қарзи андоз дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №666 аз 02.12.2009 «Дар бораи ба таъхир гузоштани мӯҳлати пардохти қарзҳо аз рӯи андозҳо, пардохтҳои иҷтимоӣ, хизматрасонии қувваи барқ ва об», ки ба ҳисобварақаҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ба маблағи зиёда аз 3740,0 ҳазор сомонӣ барқарор шудааст. Инчунин, маблағҳои барилова ошкоршудаи андозсупорандагон дар асоси санҷиши маҷмӯӣ, ки аз тарафи мутахассисони Раёсати андоз дар вилояти Суғд гузаронида шуд, зиёда аз 1100,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Аз он ҷумла, дар Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳия 800,0 ҳазор сомонӣ мебошад.

Қайд кардан лозим аст, ки самти фаъолияти ноҳия, асосан, аграрӣ мебошад. Дар дувоздаҳ моҳи соли 2018 бо 425 адад андозсупорандаи шахсони ҳуқуқӣ, 3712 адад хоҷагии деҳқонӣ, бо 268 адад соҳибкорони инфиродии бо шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 953 адад соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолияткунанда, ҳамагӣ бо 5358 адад андозсупоранда санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шудааст.

Соли 2018 баҳри кам кардани бақияи қарзи андоз ба 1306 андозсупоранда ба маблағи 10255,6 ҳазор сомонӣ огоҳинома ирсол ва ба буҷет ба маблағи 6607,5 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст. Дар ин давра чораҳои маҷбуран ситонидани андозҳо тариқи пули нақдӣ нисбати 548 андозсупоранда ба маблағи 5877,6 ҳазор сомонӣ татбиқ ва аз ин ҳисоб ба буҷет 4232,0 ҳазор сомонӣ рӯёнида шудааст.

– Барои дарёфт намудани захираҳои нави андозбандӣ ва зиёд намудани воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ аз тарафи Нозироти андози ноҳияи Зафаробод дар асоси талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд, - гуфт Олимҷон Ҷумаев. - Ба мо - кормандони Нозироти андоз, муяссар гардид, ки қисми даромади буҷетро соли 2018 бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 103,4 фоиз иҷро намоем. Воридоти маблағ ба буҷети давлатӣ 35193,7 ҳазор сомониро ташкил дод. Таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 108,0 фоизро ташкил дода, ба буҷети давлатӣ 7233,5 ҳазор сомонӣ маблағ ворид шудааст.

Саъю кӯшиши кормандони Нозироти андози ноҳияи Зафаробод имрӯз ба он равона гардидааст, ки қисми даромади буҷети давлатро дар семоҳаи аввал ва баъдан ҷамъбасти соли 2019 барзиёд босифат таъмин намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**

**вилояти Суғд**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# В Казахстане намерены простить пеню за налоги на транспорт и имущество

Глава государства Нурсултан Назарбаев поручил провести налоговую амнистию для физических лиц, передает корреспондент Tengrinews.kz. «На сегодня 1,3 миллиона физических лиц имеют задолженность перед бюджетом по налогам на транспорт, имущество и землю.

Это более 17 миллиардов тенге, из которых 5 миллиардов приходится на начисленные пени. Я уже говорил и поручил правительству, надо провести налоговую амнистию для физических лиц, предусматривающую вот эту пеню - 5 миллиардов.

Если (должник) заплатит основной налог», - сказал Президент на расширенном заседании правительства. Ранее Глава государства поручал провести амнистию для малого и среднего бизнеса.

**https://tengrinews.kz/kazakhstan_news**

# Вазъи номусоид

**Нақшаи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ соли 2018 аз ҷониби мақомоти ноҳияи Балҷувон ба андозаи 163,1 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 6018591 сомонӣ нақшаи пешбинишуда ба буҷети давлатӣ 9814452 сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нақша 3797047 сомонӣ зиёд мебошад.**

Муовини сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Балҷувон Карим Мусоев қайд кард, ки соли 2018 бо дарназардошти андози иҷтимоӣ 11193571 сомонӣ нақшаи пешбинишуда ба буҷети давлатӣ 15793185 сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақша ба андозаи 4600800,0 сомонӣ маблағ зиёд аст.

Дар ноҳия ҳарчанд нақшаи ҳама гуна андозҳо иҷро шудааст, мутаассифона, бақияи қарзи андоз дар ҳоли афзоиш аст. Ба ҳолати 1-уми декабри соли 2018 бақияи қарзи андоз дар ин ноҳия 2176813,0 сомониро ташкил додааст. Масъулон яке аз омилҳои афзоиш ёфтани бақияпулиҳои қарзи андозро, асосан, дар бемасъулиятии роҳбарони ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуд, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои тиҷоратӣ маънидод мекунанд. Метавон Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фароиз»-ро ҳамчун мисол овард. Ҷамъият дар назди буҷет ба маблағи 445132,0 сомонӣ қарзи андоз дорад. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Аҳад 86» низ аз қабили қарздорон аст. Қарзаш ба 648329,0 сомонӣ мерасад. Хоҷаги давлатии ба номи С. Сафаров низ яке аз қарздорони ноҳия ба шумор рафта, маблағи қарзаш дар назди буҷет ба андозаи 61992,0 сомонӣ мебошад. Қарзи андозҳо дар Муассисаи давлатии хоҷагӣ зотпарварии ба номи С.Сафаров ба 30561,0 сомонӣ, Филиали Тоҷиксуғурта дар ноҳия 8119,0 сомонӣ, КФ «Балҷувонгаз» 17990 сомонӣ, ҶДММ «Бинокор 2010» 12771,0 сомонӣ, Кооперативи тиҷоратии «Юсуфиён 96» 10 ҳазору 699 сомонӣ, Кооперативи истеҳсолии «Маҳмади - 1» 21055,0 сомонӣ, ФҶСК «Тоҷиксодиротбонк» 3922,0 сомонӣ, ҶДММ «Фароиз» 12525,0 сомонӣ расидааст.

Дар соли сипаригардида аз ҷониби нозироти андози ноҳия, дар маҷмӯъ, 3489 адад огоҳинома ба андозсупорандагон ирсол гардидааст. Ба соҳибкорони инфиродӣ 63 адад огоҳинома ба маблағи 240700,0 –сомонӣ ирсол гардида ба буҷети давлатӣ 146000,0 сомонӣ маблағ ворид шудааст ва кор дар ин самт идома дорад. Нисбати 47 нафар андозсупорандаи қарздор қарорҳои маҷбуран ситонидани маблағи қарзи андоз низ қабул гардидааст. Аз он ҷумла, 12 адад қарор оид ба боздоштани суратҳисоб, 35 адад қарор оид ба пули нақди андозсупоранда ба маблағи 900300,0 сомонӣ қабул шуда, аз ин ба буҷет 664400,0 сомонӣ ворид гардидааст. Аз 47 қарори қабулгардида 13 қарор ба маблағи 204000,0 сомонӣ иҷро шудааст.

Ҷиҳати пешгирӣ намудани қонуншиканиҳои андоз ва дигар пардохтҳо тибқи талаботи моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сари вақт пардохт нагардидани маблағи андози иҷтимоӣ нисбати 11 нафар роҳбар ва шахсони масъули муассисаву ташкилотҳо ба маблағи 22000,0 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб ёфтанд.

Феълан дар ҳудуди ноҳияи Балҷувон 784 нафар андозсупоранда, аз он ҷумла 222 нафар шахси ҳуқуқӣ, 71 адад ташкилоти буҷетӣ, 40 адад ҷамъият, 1 адад кооперативи истеҳсолӣ, 6 адад кооперативи тиҷоратӣ, 6 адад корхонаи воҳиди давлатӣ, 1 адад ҷамъияти саҳомии пӯшида, 1 адад асосиатсия ва ба қайд гирифта шудаанд. Инчунин, 561 нафар соҳибкор ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, ки аз онҳо 362 ададашро хоҷагии деҳқонӣ, 41 нафарро соҳибкори тибқи шаҳодатнома ва 158 нафарро соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда ташкил медиҳанд. Дар соли сипаригардида танҳо аз ҳисоби соҳибкороне, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунанд, ба буҷети давлатӣ 145093,0 сомонӣ маблағи андоз ворид гардидааст. Аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ 187944,0 сомонӣ ва соҳибкороне, ки тибқи патент фаъолият мекунанд, маблағи 277005,0 сомонӣ ба буҷет пардохт гардидааст.

Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Балҷувон дар як соли гузашта дар фаъолияти 49 нафар андозсупоранда тибқи талаботи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 421 ҳазору 476 сомонӣ назорати камералӣ гузаронидаанд, ки дар натиҷа, маблағҳои иловагӣ ошкор шуда, онҳо пурра ба буҷети ҷумҳурӣ пардохт гардиданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Хусусиятҳои андозбандии воситаҳои нақлиёт дар давлатҳои пешрафта

**Дар 27 соли соҳибистиқлолии Тоҷикистон низоми андози кишвар таҳти таъсири омилҳо ва шароитҳои иқтисодию иҷтимоӣ, инчунин сиёсию институтсионӣ доимо тағйир ёфта меистад ва табиист, ки он аз низоми давлатҳои пешрафта бо баъзе хусусиятҳояш дар меъёр ва номгуйи андоз, усулҳои ҳисобкунии он, имтиёзҳои андозӣ, идоракунии низоми андоз ва ғайра фарқ менамояд.**

Омӯзиши таҷрибаи ситониани андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт дар давлатҳои хориҷӣ ва пеш аз ҳама, дар давлатҳои пешрафта имконият медиҳад дар ҳолати мувофиқ будани он ба шароити иқтисодию иҷтимоии кишварамон механизми ситонидани он дар низоми андози миллӣ мавриди истифода қарор дода шавад. Дар 5-10 соли охир дар давлатҳои пешрафта, дар баробари такмил додани андози мазкур мақомоти ваколатдори давлатӣ кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки дар самти беҳтарнамоии вазъи экологии минтақа таъсири мусбиро расонад.

Мисол, дар минтақаҳои гуногуни кишвари Олмон тартиби ситонидани андози мазкур аз якдигар фарқ мекунад, аз арзиш, вазн ё дигар хусусиятҳои фарқкунандаи воситаи нақлиёт. Дар баробари ин, дар ҳамаи ҳолатҳо, пеш аз ҳама, соли барориши воситаи нақлиёт он ба назар гирифта шуда манбаи андозбандӣ ва маблағи андоз муайян мешавад. Аз оғози соли соли 2009 дар ин кишвар принсипи ягонаи андозбандӣ барои воситаҳои нақлиёт муқаррар шудааст. Муҳтаво аз он иборат аст, ки соҳибони воситаҳои нақлиёт дар баробари супоридани андози мазкур на танҳо нишондиҳандаи иқтидори муҳаррики нақлиёт ҳисоб карда мешавад, балки ҳаҷми истихроҷи гази заҳролудшавандаи $CO_2$-ро, ки ба атмосфера паҳн мегардад, ба назар гирифта мешавад. Масалан, андоз барои воситаи нақлиёти бо муҳаррики бензин истифодашаванда ҳамагӣ 2 евро барои ҳар 100 $см^3$ ҳаҷми муҳаррик аст, вале барои муҳаррики бо сӯзишвории дизелӣ истифодашаванда ин маблағ 9 евро барои ҳар 100 $см^3$ ҳаҷми муххарикро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, соҳибони воситаҳои нақлиёти мазкур барои истихроҷи ҳаҷми гази $CO_2$ ба атмосфера маблағи иловагӣ, ки нисбати маблағи пардохташудаи қаблан зиёдтар мебошад, пардохт менамоянд. Ин меъёр дар ҳолати имрӯза 2 евро барои ҳар 1 граммро ташкил менамояд. Бояд гуфт ки меъёри имтиёзӣ низ муқаррар шудааст. Он 120 грамм гази $CO_2$ барои ҳар 1 км роҳ ташкил намуда, дар ин ҳолат пардохт барои экология ситонида намешавад. Дар баробари ин, меъёри муқарраршудаи имтиёзнок тадриҷан паст шуда истодааст. Дар соли 2012 ин нишондод то 110 грамм барои ҳар 1 км ва соли 2014 то 95 грамм $CO^2$ барои ҳар 1 км муқаррар гардидааст. Низоми муқарраршудаи пардохти андози мазкур ҳавасмандии шаҳрвандони Олмонро ба он равона менамояд, ки бештар автомобилҳои аз ҷиҳати талаботи экологӣ ҷавобгӯй харидорӣ шаванд. Инчунин, дар вақти бақайдгирии воситаи нақлиёт кормандони мақомоти андоз маълумоти бонкии мизоҷро муайян намуда дар солҳои минбаъда маблағи андози мазкурро мунтазам аз суратҳисоби шахсии он меситонанд.

Низоми мазкури тартиби ситонидани ин андоз дар Фаронса низ бо ҳамин шакл муқаррар шудааст, фарқият дар он мебошад, ки меъёри имтиёзноки истихроҷи гази $CO_2$, ки маблағ аз соҳиби воситаи нақлиёт ситонида намешавад ва 200 грамм барои ҳар 1 км роҳ мебошад. Маблағҳои пардохшудаи ин андозро ҳукуматҳои маҳаллӣ ба татбиқи барномаҳои экологӣ равона менамоянд. Дар Америко тартиби ситонидани андози мазкур дигар аст. Принсипе, ки бештар воситаи нақлиётро истифода менамояд, мувофиқан, маблағро пардохт менамояд, муқаррар гардидааст. Ин механизм дар амалия бо усули сода, яъне андоз аз соҳибони воситаи нақлиёт ба арзиши сузишворӣ илова карда шудааст. Соҳиби воситаи нақлиёте, ки ҳамарӯза аз нақлиёти худ истифода мекунад, бештар сӯзишворӣ мехарад дар натиҷа, бештар андози мазкурро ба буҷет месупорад.

Дар кишвари Дания пардохтҳои ҳатмии барои ба қайд гузоштани воситаи нақлиёт аз соҳиби он вобаста ба арзиши он тафриқа шуда, ситонида мешавад. Масалан, воситаи нақлиёте, ки он то 18 000 ҳаз. доллари амрикоӣ арзиш дорад 15% ва аз он баландтар арзишдошта 18% пардохт карда мешавад. Дар баробари ин, дар ин кишвар соҳибони воситаи нақлиёт ду маротиба андози мазкурро пардохт менамоянд: дар вақти бақайдгирӣ ва истифодаи нақлиёт. Аз сабаби он ки барои молу маҳсулот ва нақлиёти воридшаванда аз хориҷи кишвар боҷҳои гумрукии воридотии баланд муқаррар шудааст, арзиши воситаи нақлиёт низ дар Дания нисбати дигар давлатҳои Аврупо гаронтар мебошад.

Дар Исроил тартиби ситонидани андоз аз воситаи нақлиёт бо чунин тарз муқаррар шудааст: Ҳамаи тамғаҳои автомобил шартан ба 15 гурӯҳ, вобаста аз сатҳи заҳролудшавии муҳити зист, тақсим шудааст. Вобаста ба ин тарзи гурӯҳбандӣ, соҳибони воситаҳои нақлиёт аз 10% барои электроавтомобилҳо то 92% барои автомобилҳои калонҳаҷм аз арзиши воситаи нақлиёт маблағ пардохт менамоянд. Ба ҳисоби миёна соҳибони воситаҳои нақлиёт дар кишвари мазкур маблағи андози воситаи наклиётро дар якҷоягӣ бо пардохти экологӣ наздики 70% аз арзиши нақлиёт ба буҷет пардохт менамоянд.

Дар кишвари Австралия меъёрҳои андоз аз воситаи нақлиёт аз якдигар қариб фарқ намекунанд ва шаҳрвандон барои автомобилҳои сабукрав-10% ва нақлиёти боркашӣ-5% аз арзиши онҳо пардохт менамоянд. Барои воситаҳои нақлиёт, ки арзиши онҳо зиёда аз 57.000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, иловатан 33% андози мазкурро пардохт менамоянд.

Дар давлати Ҷопон тартиби андозбандии воситаҳои нақлиёт хусусияти худро дорад. Барои воситаҳои нақлиёт соҳибони онҳо дар ин давлат ба ҳисоби миёна ба хазинаи кишвар 3 маротиба пардохт менамоянд. Якум маротиба дар вақти харидани воситаи нақлиёт, ки он начандон баланд мебошад ва ба ҳисоби миёна 5%-и арзишро ташкил медиҳад. Дуюм, дар ҳолати ба қайд гузоштани воситаи нақлиёт, ки маблағи он аз ҳаҷми муҳаррик ва вазни автомобил вобаста мебошад. Масалан, воситаи нақлиёте, ки ҳаҷми муҳаррикаш 2,5 литро ташкил медиҳад, тақрибан аз соҳиби он 500 доллари америкоӣ ситонида мешавад. Маротибаи охир чопониҳо ҳар сол дар моҳи май бевосита андоз аз воситаи нақлиётро пардохт менамоянд. Қайд намудан зарур аст, ки маблағҳои ситонидашуда аз ин намуди андоз бевосита ба дастгирии самтҳои афзалиятноки соҳаи автомобилсозии ватанӣ равона мешавад.

Таҳлили хусусиятҳои низоми андозбандии воситаҳои нақлиёт дар давлатҳои пешрафта шаҳодат медиҳад, ки дар баробари характери фискалӣ доштанаш вазифаҳои танзимӣ ва ҳавасмандиро низ иҷро менамояд. Ин, пеш аз ҳама, дар баланд будани меъёри пардохти экологӣ барои воситаҳои нақлиёти куҳна ва бо ин васила дар сатҳи муайян таъмини ҳалли масъалаҳои нигаҳдории экологӣ дар ин кишварҳо ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар давлатҳои пешрафта бо мақсади дастгирии истеҳсолкунандаи ватанӣ ва рушди соҳаи автомобилсозӣ барои воридоти нақлиёти хориҷӣ меъёрҳои баландарини гумрукӣ ва андозӣ муқаррар шудааст.

**Хуршед ҶУМЪАБОЕВ,**
**директори ПИТ “Молия”-и ДДМИТ,**
**Неъматулло ЗОИРЗОДА,**
**магистранти курси 2-юми ДДМИТ**

# Бо дарки масъулият

Бо мақсади расонидани кўмаки амалӣ дар таъмини иҷрои нишондиҳандаи қисми даромади буҷет, кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор, татбиқи моддаҳои 600, 620, 623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, мавриди санҷиш қарор додани ҳолати иҷрои қарорҳои рўёнидани қарзи андозҳо дар асоси Фамоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гурўҳи корӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Вахш сафарбар гирдид.



## Шумораи қарздорон

Мутобиқи маълумоти Кумитаи андоз бақияи қарзи андозҳо дар Нозироти андоз дар ноҳияи Вахш ба санаи 01.12.2018-ум 9,5 миллион сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба аввали соли 2018-ум 1,3 миллион сомонӣ кам мебошад.

Тавре сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зокир Қурбонов иттилоъ дод, шумораи андозсупорандагони қарздор ба санаи 01.12.2018 дар ноҳия ба 1853 адад мерасад.

Муайян шуд, ки аз ин шумора 1215 адад ё худ 65,6 фоиз андозсупорандагоне мебошанд, ки маблағи қарзи андозҳояшон то 1 ҳазор сомониро дар бар мегирад. Нисбати чунин андозсупорандагон Гурўҳи корӣ бе татбиқи чораҳои рўёнидани қарзи андозҳо маблағи қарзи онҳоро ба буҷет таъмин кард.

## Ҳолати бақияи қарз

Ба гуфтаи Зокир Қурбонов аз маблағи умумии қарзи андозҳои мақомоти ҳудудӣ 3,8 миллион сомониаш маблағҳое мебошад, ки дар натиҷаи фоизи ҷаримаҳои иловагӣ пайдо гардидаанд ва 1,7 миллион сомониаш ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ (санҷиши ҳуҷҷатии маҷмўии андоз) бавуҷудомада мебошад.

Аз шумораи умумии қарзи андозҳо 4343,9 ҳазор сомонӣ ба хоҷагиҳои кишоварзӣ тааллуқ дорад. Аз ин 1542,5 ҳазор сомониаш фақат ба КИ “Кўлоб” марбут аст. Инчунин, 1270,3 ҳазор сомонӣ ба 54 адад муассисаҳои давлатӣ (соҳаи маориф), 1249,3 ҳазор сомонӣ ба корхонаҳои зертобеи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 308,7 ҳазор сомонии дигар ба ФҲДММ “Дарё” рост меояд.

## Вазъи иҷрои қарорҳо

Аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз бо мақсади кам намудани бақияпулиҳои андоз ва андешидани чораҳои пешбинишудаи қонунгузории андоз дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, дар дувоздаҳ моҳи соли 2018 нисбати 219 андозсупорандаи қарздор дар бораи маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи умумии 6537 ҳазор сомонӣ 238 қарор қабул шудааст. Аз ин ҳисоб ба буҷет 5282 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки 81,5 фоизи маблағи умумии қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, аз ҳисоби 17 қарори дар соли 2017 иҷронагардида ба маблағи 1,7 миллион сомонӣ, ки як қисмати он иҷро нагардида буд, ба соли 2018 гузаронида шуд. Дар соли 2017 аз ин қарорҳо 238,7 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин гардидааст халос. Аниқтараш, то ин муддат аз ҳисоби қарорҳои соли 2017 ва 12 моҳи соли 2018, дар маҷмўъ, 6,5 миллион сомонӣ ба буҷет ворид ва иҷрои 231 қарор пурра таъмин шудааст.

Танҳо дар моҳи ноябри соли 2018 нисбати 37 андозсупорандаи қарздор маводи зарурӣ доир ба рўёнидани қарзи андозҳо омода ва ба Кумитаи андоз ирсол гардидааст. Дар натиҷа, ба маблағи 276,5 ҳазор сомонӣ 37 қарор қабул гардида, то ин замон иҷрои 31-тои он, ки маблағи 198,1 ҳазор сомониро ташкил медод, ворид буҷет шуд. Дар давраи фаъолияти Гурўҳи корӣ мақомоти андоз, аз ҳисоби қарорҳои соли 2018-ум 917,5 ҳазор сомонӣ ва қарорҳои иҷронашудаи соли 2017-ум 30,6 ҳазор сомонӣ, ҷамъ 948,1 ҳазор сомонӣ ворид буҷет гардидааст.

## Маблағи рўёнидашуда

Гурўҳи корӣ бо кормандони нозироти андози ноҳия дар натиҷаи андешидани чораҳои зарурӣ оиди ба рўёнидани бақияи қарзи андозсупорандагони қарздор ва дигар чораҳои таъсиррасон аз ҳисоби ҶДММ “Водии Вахш” маблағи 125 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Насими Вахш ОСК” 126,5 ҳазор сомонӣ, Беморхонаи марказии ноҳия 68,2 ҳазор сомонӣ, ИДБЗ ва Обёрӣ 61,6 ҳазор сомонӣ, КТ “Чорводор” 50 ҳазор сомонӣ, КИ “Кўлоб” 100 ҳазор сомонӣ, Намояндагии ҶСК “Шабакаҳои барқии ҷанубӣ” 78,8 ҳазор сомонӣ, Маркази хизматрасонии муштариёни ҶСП “ТТ Мобайл” 52,3 ҳазор сомонӣ, Филиали ҶДММ “Дарё” 45 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Бўстон 2010” 18,5 ҳазор сомонӣ, КФД “Хоҷагии манзилию комуналӣ” 27,4 ҳазор сомонӣ, Маркази беморхонаи “Пўст ва сирояткунандаи ҷинсӣ” 26,2 ҳазор сомонӣ, КТ “Усмон-2016” 10 ҳазор сомонӣ, МД “Идораи давлатии мошинӣ” 18,8 ҳазор сомонӣ, Стансияи “Эпидиомологӣ” 25,9 ҳазор сомонӣ, КТ “Сафар Ғаюр” 8 ҳазор сомонӣ, АИО “Талбаков Раҳмон” 7,8 ҳазор сомонӣ, КТ “Файз К” 7 ҳазор сомонӣ, СИ Зиёев Маҳмадзариф 10,2 ҳазор сомонӣ, СИ Давлатов Абдулхолиқ 9 ҳазор сомонӣ, ва СИ Сафарова Муҳаббат маблағи 7,8 ҳазор сомониро рўёнида ба буҷет ворид намуд.

## Чораи таъсиррасон

Яке аз чораҳои таъсиррасон ва ибтидоии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, тибқи талаботи қисми 3 - и моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ирсоли огоҳиномаҳо ба андозсупорандаҳои қарздор оид ба пардохти қарзи андоз мебошад. Вале, ҳарчанд таҳияи огоҳиномаҳо ба воситаи барномаи компютерии «Идоракунӣ ва мониторинги қарзи андозҳо» роҳандозӣ шудаю фаъолияти мақомоти андоз дар ин самт осонтар гардидааст, боз ҳам, тавре мушоҳида мешавад, аз ҷониби кормандони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон талаботи Кодекси андоз ва «Дастури методӣ дар бораи татбиқи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо» оид ба пешниҳоди огоҳинома ба андозсупоранда хуб риоя намегардад. Гурўҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ, дар баробари анҷом додани корҳои дигар ба суроғаи 69 андозсупорандаи қарздор огоҳинома фиристод, ки маблағи умумии он ба 760,2 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Дар ин давра, аз ин ҳисоб танҳо 580,4 ҳазор сомонӣ вориди буҷет гардидааст.

## Андешидани тадбирҳо

Тавре ки сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳо иброз дошт, Гурўҳи корӣ дар давраи сафари кории худ барои сари вақт пардохт накардани маблағи андози иҷтимоӣ ва инчунин, иҷро накардани талаботи қонунгузорӣ, яъне сари вақт пардохт накардани бақияпулиҳои андоз, дар асоси моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 19 андозсупоранда ҷаримаҳои маъмурӣ тартиб дод, ки маблағи умумии он 47,5 ҳазор сомониро ташкил намуд. Дар давраи фаъолияти Гурўҳи корӣ 12,5 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидаасту халос.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳудуди ноҳияи Вахш 37 хоҷагии кишоварзӣ, ки маблағи бақияи қарзашон 2,4 миллион сомониро ташкил медиҳад, таҷдид гардид. Дар ин, давра 347 хоҷагии нисбатан хурд таъсис ёфт, вале маблағи қарзи андозҳои хоҷагиҳои таҷдидгардида ба хоҷагиҳои навтаъсис тақсим нашудааст. Айни замон рўёнидани ин маблағ душвор гардида, боиси баҳс қарор дорад.

Дар натиҷаи татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, хусусан пешниҳоди огоҳиномаҳо ҷиҳати пардохти қарзи андозҳо, бастани суратҳисобҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва хазинаи пули нақд, инчунин, татбиқи бақияпулиҳои андоз (бе дарназардошти маблағи андозҳои ҷорӣ), дар маҷмўъ, 919,4 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Дар ин робита, кормандони мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро миёни андозсупорандаҳо бештар ба роҳ монанд, то ки андозсупорандаҳо аз ин хулосаи даркорӣ бароварда, дигар ба қонуншиканиҳо даст назананд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Президент поддержал идею освободить от НДФЛ молодые семьи при продаже квартиры

**Путин назвал эту инициативу обоснованной, если речь идет о единственном жилье**

Глава государства Владимир Путин поддержал инициатив об освобождении молодых семей от уплаты НДФЛ при продаже квартиры, даже если она находилась в собственности менее пяти лет, пишет ТАСС.

«Если речь идет о единственном жилье, то тогда мне кажется, что это вполне обоснованное предложение, я его поддержу», — повелал президент на форуме «Деловой России», комментируя соответствующую инициативу.

Один из участников форума отметил, что молодые собственники жилья часто не могут продать свою единственную квартиру для улучшения жилищных условий, так как вынуждены платить с данной сделки налог в размере 13%, если владеют жильем менее пяти лет. По его словам, снятие такого ограничения позволило бы поднять спрос на квартиры.

## НИШАСТИ МАТБУОТӢ

13-уми феврали соли 2019 дар Раёсати андоз дар вилояти Суғд бо хабарнигорони васоити ахбори умум нишасти матбуотӣ доир гардид.

# Саҳми мақомоти андоз

Дар нишасти матбуотӣ сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд Абдуқаюм Воҳидов доир ба ҷамъбасти фаъолияти кормандони мақомоти андози вилоят дар самти таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ гузориши мухтасар дод. Мавсуф аз ҷумла қайд намуд, ки мақомоти андози вилояти Суғд дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳнамои кори худ қарор дода, дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар соли 2018 нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018» таъмин намуд. Дар навбати худ барои беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, инчунин хубтар ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ тадбирҳои мушаххас андешида шуданд.

Нишондиҳандаи қисми даромади буҷети давлатӣ дар ин давра ба андозаи 104,3% таъмин гардида, ба буҷети давлатӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 2 млрд. 588,9 млн. сомонӣ маблағ ворид шудааст, ки нисбат ба маблағҳои пешбинишуда 106,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Тибқи маълумот бақияи қарзи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии андозсупорандагони вилоят (бо дарназардошти шуъбаҳои нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна) ба ҳолати 1-уми январи соли 2019-ум 107,4 млн. сомониро ташкил дод. Яъне дар ҷамъбасти соли 2018 бақияи қарзи андоз дар вилоят ба маблағи 21,0 млн. сомонӣ кам шудааст.

Бо дарназардошти таҳкими қонунгузории андоз ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна дар ҷумҳурӣ, ба ин васила дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ба санаи 1-уми январи соли 2019 дар вилоят шумораи умумии субъектҳои ба қайди давлатӣ гузоташуда 113301 ададро ташкил намудааст, ки нисбат ба аввали соли 2018 ба миқдори 6035 адад зиёд мебошад.

- Соли 2019 дар баробари таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба самти боз ҳам баланд бардоштани маърифати андозсупорандагон равона мегардад. Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва мақомоти ҳудудии андоз минбаъд низ барои беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ва сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, бештар намудани корҳои тавзеҳотиву фаҳмондадиҳӣ, кам намудани бақияи қарзи андозҳо тамоми донишу малакаи худро истифода карда, ҷиҳати иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2019 чораҳои иловагӣ меандешанд.

Дар охир сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд Абдуқаюм Воҳидов ба саволҳои хабарнигорони воситаҳои ахбори умум посух дод.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Шаҳрвандоне, ки аз андози молу мулки ғайриманқул қарздоранд

Имрӯз ҳар як давлат кӯшиш мекунад, ки иқтидори иқтисодиаш то андозае баланд бошад. Табиист, ки барои расидан ба ин ҳадаф дар амал татбиқ намудани барномаҳои ҳукуматӣ, таъмин намудани маошу нафақаи шаҳрвандон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум аз сари вақт пардохт кардани андоз ва ғанӣ гардонидани буҷет вобаста мебошад. Ғайр аз ин, устувории иқтисодиёт имконият фароҳам меорад, ки мардум дар фазои сулҳу ваҳдат рӯзгори осуда дошта бошанд.

Аммо, тавре мебинем, ҳастанд шаҳрвандоне, ки ҳарчанд дар ширкату корхонаҳои хурду бузург фаъолият мекунанду маблағҳои калони молию пулиро дар ихтиёр доранд, андозҳои муқарраршударо сари вақт пардохт намекунанд. Ҳол он ки вазъи молиявии буҷети маҳаллӣ, бахусус мактабу маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар сохторҳои қудратию буҷетӣ, ки харoҷоти онҳо аз маблағҳои ҷамъшудаи андозҳо вобаста аст, дар ҳолати ногувор мемонанд. Дар натиҷа, дар соҳаҳо ноустувории пулию молӣ ба миён меояд. Дар ҷадвали зерин рӯйхати шахсони воқеии шаҳру ноҳияҳои мамлакатро меорем, ки бақияи қарзи онҳо аз ҳисоби андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул дар ҳоли афзоиш аст.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**РӮЙХАТИ СОҲИБМУЛКОНЕ, КИ ДАР НАЗДИ БУҶЕТ БА ҲОЛАТИ 01.01.2019 АЗ АНДОЗИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ҚАРЗДОР МЕБОШАНД**

| № | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| | **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ВАРЗОБ** | | |
| 1 | О. Абдурамонов | Ист.»Пайкар» | 8303 |
| 2 | Ф. Достиев | 32 км Душанбе-Хуҷанд | 6633 |
| 3 | Ф. Мирзоалиева | кӯчаи Федина, хонаи 29 | 1111 |
| 4 | Х. Ятимов | Ҷ/д. Чорбоғ, деҳаи Чорбоғ | 1660 |
| 5 | А. Ҷабборов | Ҷ/д. С. Айнӣ, деҳаи Тошбулоқ | 401 |
| 6 | Х. Бобиев | Ҷ/д. Чорбоғ, деҳаи Обизак | 923 |
| 7 | Д. Бобоев | Ҷ/д. Чорбоғ, деҳаи Чормағзакони Боло | 755 |
| 8 | Ф. Каримов | Ҷ/д. Чорбоғ, деҳаи Шодоб | 750 |
| 9 | Б. Мирова | Ҷ/д. Чорбоғ, деҳаи Шодоб | 579 |
| 10 | Н. Азимов | Ҷ/д. Чорбоғ, деҳаи Чормағзакони Боло | 500 |
| | **СОҲИБМУЛКОНИ ШАҲРИ ВАҲДАТ** | | |
| 1 | Моҳсанам Қодирова | кӯчаи Лоҳутӣ 17 | 945 |
| 2 | Умар Кабиров | кӯчаи Захватов 23 | 458 |
| 3 | Зубайдулло Толибов | кӯчаи Н. Қарабоев 20 | 1052 |
| 4 | Баҳридин Солиҳов | кӯчаи Муаллимон 11 | 2176 |
| 5 | Бурӣ Ғафуров | кӯчаи У. Хайём 46 | 951 |
| 6 | Кумоншо Ҳомидов | кӯчаи У. Хайём 57 | 1551 |
| 7 | Қумрӣ Зокирова | кӯчаи Бохтар 32 | 1137 |
| 8 | Саъдулло Мирмахмедов | кӯчаи Бохтар 46 | 1549 |
| 9 | Ҳабибуло Шафиев | кӯчаи Бохтар 19 | 873 |
| 10 | Тоҷидин Каримов | деҳаи Корвон | 1200 |
| 11 | Гулизор Юнусова | деҳаи Хиргатарош | 700 |
| 12 | Аҳлидин Юсупов | деҳаи Ҷангалобод | 1300 |
| 13 | Давлатмурод Каримов | деҳаи Кишоварз | 1100 |
| 14 | Саидакбар Нидоев | деҳаи Ҷангалобод 3 | 1150 |
| 15 | Зайдулло Ҷобиров | кӯчаи Фирдавсӣ | 220 |
| 16 | Хуршед Алиев | кӯчаи Фирдавсӣ | 375 |
| 17 | Нарзигул Каримова | кӯчаи Фирдавсӣ | 438 |
| 18 | Қутбия Зулматова | кӯчаи Шодмон | 15000 |
| 19 | Умеда Фақирова | кӯчаи Яккатол | 15000 |
| 20 | Сафарбек Комилов | кӯчаи Эшмуродов 100б | 778 |
| 21 | Исломидин Миров | кӯчаи Эшмуродов | 1140 |
| 22 | Файзидин Донаев | кӯчаи Эшмуродов 158 | 543 |
| 23 | Ҳодиса Худоёрова | кӯчаи Эшмуродов | 2211 |
| 24 | Нурулло Раҷабов | деҳаи Ҷарбошӣ | 7800 |
| 25 | Тағойбек Шеров | кӯчаи К. Хуҷандӣ 9 | 13000 |
| 26 | Суҳроб Насридинов | кӯчаи Ҳамзалиев | 2500 |
| 27 | Манучеҳр Сафаров | деҳаи Шеробод | 6000 |
| | **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ РӮДАКӢ** | | |
| 1 | Аҳрорбек Қаноатов | деҳаи Меҳробод | 31963 |
| 2 | Нарзулло Негматов | деҳаи Ҷуйбодом | 763 |
| 3 | Қобил Тоштемиров | деҳаи Чортут | 20000 |
| 4 | Алишер Бобоев | деҳаи Ангули | 2500 |
| 5 | Муҳамадтаюб Сайфуллаев | кӯчаи Борбад | 637 |
| 6 | Хайрихон Ҳусейнова | кӯчаи Лоҳутӣ | 616 |
| 7 | Муқадас Аминова | деҳаи Деҳқонобод | 1929 |
| 8 | Саид Одинаев | деҳаи Бахористон | 300 |
| 9 | Гулнора Яздонова | Ҷ/ш. М. Турсунзода, деҳаи Турдиев | 1264 |
| 10 | Алишер Зарипов | деҳаи Гулбутта | 10596 |
| | **СОҲИБМУЛКОНИ ШАҲРИ ҲИСОР** | | |
| 1 | Луқмон Маҳмудов | Ҷ/д. Ҳисор, деҳаи Ҳаёти нав | 973 |
| 2 | Зуҳро Меликова | Ҷ/д. Ҳисор, деҳаи Ҳаёти нав | 1371 |
| 3 | Абдусаттор Юсупов | Ҷ/д. Мирзо Турсунзода | 1990 |
| 4 | Хақризо Юсупов | Ҷ/д. Мирзо Турсунзода | 1065 |
| 5 | Дилшод Бозоров | Ҷ/ш. Ҳисор | 2355 |
| 6 | Қудрат Усмонов | Ҷ/д. Хонақоҳи кӯҳӣ | 1207 |
| 7 | Шараф Мансуров | Ҷ/д. Навобод, деҳаи Ойбош | 1859 |
| 8 | Султонмурод Саидов | Ҷ/д. Деҳқонобод, деҳаи Кулмунда | 2010 |
| 9 | Хол Раҷабов | Ҷ/д. Деҳқонобод, деҳаи Бағалак | 898 |
| | **СОҲИБМУЛКОНИ ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА** | | |
| 1 | Абдурасул Вафоев | кӯчаи 15 - Солагии Истиқлолият | 5924 |
| 2 | Мижгона Хайруллаева | кӯчаи 15 - Солагии Истиқлолият | 4157 |
| 3 | Тоҷидин Саидов | Ҷ/д. Т. Туйчиев, деҳаи Дӯстӣ | 7485 |
| 4 | Нуридин Қавмидинов | Ҷ/д. Т. Туйчиев, деҳаи Гулистон | 17492 |
| 5 | Тоҷихон Ғаюрова | Маҳаллаи 1-ум | 3447 |
| 6 | Ҷамшед Ғаюров | Маҳаллаи 1-ум | 3939 |

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### Россия: Жертвующие на благотворительность получат новые льготы

С такой инициативой выступило Минэкономразвития

В ближайшие годы российские жертвователи и благотворительные организации получат новые налоговые льготы. Об этом говориться в проекте концепции совершенствования сферы благотворительности в РФ до 2025 г. и плана мероприятий по ее реализации на 2019–2020 гг., которые были разработаны Минэкономразвития России. Часть предложений была подготовлена сотрудниками Высшей школы экономики, пишет РБК.

Обсуждение проекта с представителями благотворительных организаций назначено на 12 февраля. МЭР прежде собирало предложения благотворительных организаций, рассказала глава комиссии Общественной палаты по социальной политике Елена Тополева-Солдунова, которая будет участвовать в обсуждении концепции.

# Мавзеъҳои дилфиребИ Муъминобод – мусоидат ба рушди сайёҳӣ



Пӯшида нест, ки Тоҷикистони биҳиштосои мо бо табиати нотакрор ва мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ диққати сайёҳони зиёдро ба худ ҷалб месозад. Яке аз гӯшаҳои дилфиребу дилрабои кишваррамон ноҳияи Муъминобод мебошад, ки дар қисми ғарбии қаторкӯҳҳои Ҳазрати Шоҳ, ҷанубу ғарбии Тоҷикистон ва шарқи вилояти Хатлон воқеъ аст. Нуқтаҳои баландтарину пасттаринаш мутаносибан 2814 ва 1100 м мебошанд. Табиати зебою афсонавӣ, олами ҳайвоноту наботот, талу пуштаҳои сарзабзу хуррам, чашмаҳои оби мусаффо ва манзараҳои нотакрораш беихтиёр дили касро тасхир менамояд. Маҳз ҳамин ҳусну таровату дилрабоии табиат аз қадим диққати сайёҳони зиёд, олимон ва муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Муъминобод дорои таъриху фарҳанги қадима буда, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, ҳанӯз аз асри X ҳамчун шаҳри Ободон маъруф буд. Боиси тазаккур аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба ноҳия 3 октябри соли 2016 ва дар мулоқот бо мардуми ин диёр таъкид доштанд, ки Муъминобод, воқеан, сарзамини мардони сарбаланду некусиришт буда, табиати зебояш қалби ҳар як сайёҳу меҳмонро тасхир месозад.

Ноҳия дорои беш аз 100 ёдгории таърихӣ, ҷойҳои муқаддас ва мавзеъҳои тамошобоб мебошад. Яке аз ин ёдгориҳо мақбараи Мир Сайид Ҷалолиддини Гулдаста буда, поёнтар аз маркази ноҳия Қалъаи Мир воқеъ аст, ки таърихи пайдоиши он ба асрҳои II – III милодӣ рост меояд. Дар маркази ноҳия, мақбараи Хоҷаи Нур ва хона - музейи олим ва муҳаққиқи намоёни тоҷик шодравон Соҳиб Табаров ҷой гирифтаанд. Инчунин, дар гӯшаву канори гуногуни ин диёри дилфиреб оромгоҳҳои Хоҷа Алмос, Хоҷа Иброҳимҷон, Бибӣ Навро ва Бибӣ Савро, Хоҷаи Гумбазӣ, Хоҷа Хидир, Ҳазрати Муродбахш, Хоҷа Валишоҳ, Домулло Икром, Султон Санҷар, ки зиёратгоҳи мардум гаштаанд, воқеанд.

Муъминобод, ҳамчунин, бо мавзеъҳои хушманзара машҳуру маъруф аст, ки кӯҳи Чилдухтарон аз ҷумлаи онҳо мебошад. Кӯҳ 20 километр дуртар аз маркази ноҳия воқеъ буда, роҳи он имрӯз бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия навсозӣ шудааст.

Бояд гуфт, ки дарёчаҳои Яхсу, Лиҷак, Лангар дар мавсими баҳору тобистон сероб буда, дорои захираи фаровони тиллои сурх мебошанд. Дар домани қаторкӯҳҳои Чилдухтарон дашти Пахндара доман густурдааст, ки дар он ҷо солҳои 80-уми қарни XX яке аз қисмҳои филми бадеии «Рустам ва Сӯҳроб» (аз рӯи асари безаволи Абулқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома») ба навор гирифта шудааст. Мардум ҷойи набарди падару писарро санг чида, ба он «Қабри Сӯҳроб» ном ниҳодаанд. Ҳамасола ба зиёрати он садҳо сайёҳони дохилу хориҷ меоянд. Каме дуртар аз ин мавзеъҳо, дар деҳаи Ҷавзодара, дар масоҳати 7 гектар «Бозори Зелолак» ҷойгир аст, ки ба асрҳои V–VI taaллуқ дорад.

Ҳангоми аз маркази ноҳия ба тарафи деҳаи Кӯлчашма раҳсипор шудан, теппаҳои зебое ба назар мерасанд ва дар яке аз онҳо акси дил намудор мегардад. Онро мардум «Кӯҳи Дил» ном мебаранд. Муъминобод, инчунин, бо ёдгориҳои таърихии Қалъа (асрҳои III – IV ), Шоҳи Хомӯш, Ҷалолиддини Гулдаста, Хоҷаи Нуру Хоҷа Алмос (асрҳои IX – XIII) , ки миқдорашон аз сӣ мегузарад, чинорҳои азими аз 1000 то 2000-сола, обҳои шифобахши чашмаҳои Толеъ, Бедаво, Шифо, Ғӯзаҷоғ, Биби Навро ва Биби Савро, Яхак ва ғайраҳо, ки дар маҷмӯъ наздик ба 800-то мебошанд, шуҳрати хоса доранд.

Масоҳати ҷангалу буттазори ноҳия 23 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Олами ҳайвоноту набототаш низ бою рангин ва барои ташкили саёҳатҳои экологӣ ва шикорӣ мувофиқ мебошад. Аз 4500 рустании ҷаҳонӣ 860 номгӯйи он дар Муъминобод мерӯяд. Аз ҳамаи ин дороиҳо метавон самаранок истифода кард ва аз суди бадастомада мавзеъҳои сайёҳиву фароғатиро боз ҳам зеботару ободтар гардонд.

Аз мавзеъҳои дигаре, ки макони сайру саёҳати мардум гаштааст, обанбори Муъминободро метавон ном бурд. Масоҳати он 300 гектарро ташкил дода, дар гирду атрофаш меҳмонхонаву қаҳвахона қомат афрохтаанд ва ҳар сол ҳазорон нафар дӯстдорони табиат аз дохилу хориҷи кишвар барои истироҳату фароғат ва қаиқронӣ ба ин ҷо меоянд.

Дар баробари ин, аз қадимулайём Муъминобод бо ҳунармандони худ шуҳрат дорад. Бино ба маълумоти таърихӣ, ҳанӯз дар давраҳои пеш бозаргонону савдогарон аз Чину Балху Ҳиндустон маҳз барои харидани маҳсули дасти косибони ин кӯҳандиёр, ки шуҳраи офоқ гашта буданд, ба ин сарзамин қадам ранҷа менамуданд.

**Хулоса, ҷойи шубҳа нест, ки бо рушд ёфтани инфрасохтори туризм дар Муъминобод, сол аз сол шумораи сайёҳон афзуда, ба Буҷети давлатӣ маблағҳои зиёд ворид мегардад, ки ин дар навбати худ ба боло рафтани сатҳи иҷтимоии мардум мусоидат хоҳад кард.**

**Неъматулло ЗОИРЗОДА,**
**магистранти курси 2-юми ихтисоси ҳуқуқи иқтисоди ДДМИТ,**
**Ҷовидон ХАЛИФАЗОДА,**
**магистранти курси 1- уми ихтисоси андоз ва андозбандии ДДМИТ**

# Воситаи даромади воқеӣ

**Дар асоси талаботи моддаи 38 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ дар фаъолияти андозсупорандагон аз ҷумла, соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳатмӣ мебошад.**



Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ бо соҳибкорони инфиродӣ шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Нозироти андози ноҳияи Восеъ Дилшод Зиёев қайд кард, ки истифодаи МНХ дар фаъолияти андозсупорандагони ноҳия ба таври зарурӣ таъмин гардидааст. Дар соли сипаригардида дар фаъолияти андозсупорандагон 144 адад, МНХ насб шудааст.

Бо мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ бо соҳибкорони инфиродии Нозироти андози ноҳия Сорбон Умаров аз фаъолияти чанд маркази савдо ба хизматрасонӣ дидан кардем.

Сараввал ба мағозаи хӯрокворӣ, ки ба соҳибкори инфиродӣ Толибҷон Маҳмадназаров таалluқ дошт, ворид шудем. Соҳибкор ҳангоми савдо мутаассифона, қисми зиёде аз харидорон ба чиптаи додаи ӯ аҳамияти намедоданд ва онро намегирифтанд. Аз дигар мағозаи хӯрокворӣ, ки ба соҳибкор Амирхон Шарипов, таалluқ дошт низ дидан кардем. Аён гардид, ки соҳибкор Шарипов А, ба МНХ – дорои ТИЭ таъмин аст, ва аз он ба таври зарурӣ истифода мекунад. Ҳар вақте ки мизоҷон дохили мағозаи ӯ мешуданд, ба онҳо чиптаи МНХ-ро медод. Ҳамин тавр ба мағозаи хӯроквории соҳибкори инфиродӣ Эмом Шарипов, ворид шудем, ки ӯ низ ҳангоми фурӯши маҳсулот аз МНХ ба таври лозима истифода мекард. Ба ҶДММ «Некфарм» - дорухонае, ки ба соҳибкор Муҳаммад Наимов таалluқ дошт, ворид шудаем. Муайян гардид, ки он ба МНХ таъмин аст. Аммо аз он ба таври бояду шояд истифода карда натавонист. Вақте аз ӯ сабаб пурсидем, гуфт, акнун ду моҳ шудааст, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ шурӯъ кардааст.

Дар маҷмӯъ дар ноҳияи Восеъ 1338 нафар соҳибкор тибқи патент фаъолият мекунанд, ки аз ин ҳисоб танҳо дар як соли сипаригардида 1 млн. 570 ҳазору 610 сомонӣ маблағ ба буҷети ҷумҳурӣ ворид гардидааст. Соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 463 нафарро ташкил менамоянд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 43 нафар зиёд аст. Маблағи ҳисобшуда аз ҳисоби соҳибкорони тибқи шаҳодатнома амалкунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ин давра 5 млн. 2063 сомониро ташкил медиҳад.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В Удмуртии предпринимателя будут судить за неуплату НДС на 66 млн руб.

Он включал в декларацию ложные сведения о хозяйственных взаимоотношениях с фирмами-однодневками

В Удмуртии будут судить экс-директора кондитерского предприятия из Глазова за неуплату 66 млн руб. налогов. Обвиняемый является жителем Москвы, пишет газета «Коммерсантъ».

По версии следствия, он уклонялся от уплаты НДС с 2015 по 2017 гг. Предприниматель включал в налоговую декларацию ложную информацию о хозяйственных взаимоотношениях с компаниями-однодневками.

В отношение него возбуждено уголовное дело по ч.2 ст. 199 Уголовного кодекса России (уклонение от уплаты налогов в особо крупном размере). Дело направлено в Глазовский райсуд с обвинительным заключением.

# Какое послание человечеству Стив Джобс оставил перед смертью?

**Один из основателей корпорации Apple Стив Джобс умер в возрасте 56 лет, будучи миллиардером. Письмо приведённое ниже, якобы его последнее послание человечеству.**

